**«ТАСДИҚ ШУДААСТ»**
**Бо Фармони Директори генералии**
**ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»**
**_________________Раҳмонов Б.Р.**
**аз «08» __________ соли 2025, № 861/25**

# ҚОИДАИ
# СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ АЗ ҲОЛАТҲОИ НОХУШ ВА БЕМОРӢ

**Душанбе – 2025**

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Қоидаи суғуртаи ихтиёрии аз ҳолатҳои нохуш ва беморӣ (минбаъд – «Қоида» ё «Қоидаи суғурта») мутобиқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст. Қоида қисми ҷудонашавандаи Шартномаи суғуртаи ихтиёрии аз ҳолатҳои нохуш ва беморӣ (минбаъд – «Шартномаи суғурта» ё «Шартнома») мебошад, ки миёни Суғуртакунанда ва Суғурташаванда баста мешавад.

1.2. Шартҳое, ки дар Қоидаи суғурта мавҷуданд ва ба матни Шартномаи суғурта дохил карда нашудаанд, барои Суғурташаванда (шахси Суғурташуда) ҳатмӣ мебошанд, агар дар Шартномаи суғурта бевосита татбиқи чунин Қоида ишора гардида бошад ва худи Қоида дар сомонаи расмии Суғуртакунанда дар шабакаи иттилоотӣ – коммуникатсионии «Интернет» бо суроғаи: www.spi.tj ҷойгир шуда бошад ё Қоида дар як ҳуҷҷат бо шартномаи суғурта ё дар саҳифаи қафои он зикр шуда бошад ва ё ба он замима карда шуда бошад. Дар ҳолати охирин ба Суғурташаванда супоридани Қоидаи суғурта ҳангоми бастани шартномаи суғурта бо қайд шудани он дар шартномаи суғурта тасдиқ карда мешавад.

1.3. Суғуртакунанда дар асоси Қоидаи суғурта Шартҳои полиси суғурта ё Иқтибос аз Қоидаи суғуртаро барои шакли (намуди) мушаххаси Шартномаҳои суғурта, ки дар асоси Қоидаи суғурта баста мешаванд, ба Суғурташавандаи мушаххас ё бахше аз Суғурташавандагон нигаронида шудаанд ва шартҳои суғуртаро инъикос менамоянд, таҳия намояд, алалхусус: субъектҳо ва объектҳои суғурта, номгӯи ҳодисаҳои суғуртавӣ, муҳлат ва тартиби пардохти мукофоти суғуртавӣ, муҳлати амали Шартномаи суғурта, тартиби муайян намудани маблағи пардохти суғуртавӣ, дигар муқаррарот, то он ҳадде, ки ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаи суғурта мухолифат надошта бошад. Чунин Шартҳои полис ё иқтибосҳо аз Қоидаи суғурта ба Шартномаи суғурта замима карда мешаванд ва қисми ҷудонашавандаи он мебошанд. Дар ҳолати татбиқ шудани Шартҳои полиси суғурта ё Иқтибосҳо аз Қоидаи суғурта шартномаи суғурта аз Полиси суғуртавӣ ва Шартҳои полиси суғурта ва ё Иқтибосҳо аз Қоида, ки дар Полиси суғуртавӣ ба он истинод оварда мешавад ва он қисми таркибии Шартномаи суғурта ба шумор меравад, иборат мебошад.

## 2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

2.1. Минбаъд дар Қоида, инчунин дар шартномаҳои суғурта, ки дар асоси Қоида баста мешаванд, мафҳумҳои зерин истифода бурда мешаванд:

– **фаъолияти суғуртавӣ** – фаъолияти ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба бастан ва иҷрои шартномаҳои суғурта (азнавсуғуртакунӣ), ки дар асоси иҷозатномаи мақоми назорати суғуртавӣ тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад;

– **мақоми назорати суғуртавӣ** – Бонки миллии Тоҷикистон, ки вазифаҳои танзиму назоратро дар соҳаи фаъолияти суғуртавӣ анҷом медиҳад;

– **суғуртакунӣ** – муносибатҳо оид ба ҳимояи манфиатҳои қонунии молумулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми рух додани ҳодисаҳои суғуртавии муайян аз ҳисоби фондҳои пулии аз мукофотҳои суғуртавии (мукофоти суғуртавии) пардохтшуда, инчунин маблағҳои дигари ташкилотҳои суғуртавӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ ташаккул ёфтаанд;

– **азнавсуғуртакунӣ** – фаъолияти як ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба ҳимояи манфиатҳои молумулкии ташкилоти суғуртавии (азнавсуғурташавандаи) дигар, ки

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

бо базиммагирии ухдадорихо аз тарафи охирин чиҳати анҷом додани пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) аз рӯи шартномаи суғурта алоқаманд мебошад;

– **объекти суғурта** – манфиатҳои ғайримолумулкии Суғурташаванда, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, дар шартномаи суғурта пешбинӣ шудаанд;

– **ташкилоти суғуртавӣ** – шахси ҳуқуқие, ки фаъолияти суғуртавиро дар асоси иҷозатномаи дахлдори мақоми назорати суғуртавӣ ба роҳ мемонад;

– **Суғурташаванда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти суғуртавӣ Шартномаи суғуртаро бастааст;

– **Суғуртакунанда** – Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии «Спитамен Иншуренс», ки дар асоси иҷозатномаи аз тарафи мақоми назорати суғуртавӣ дода шуда фаъолияти суғуртавиро ба амал мебарорад;

– **Фоидагиранда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби Суғурташаванда барои гирифтани пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар Шартномаи суғурта таъин шудааст ва дар полиси суғуртавӣ дарҷ гардидааст4

– **шахси суғурташуда** – шахси воқеӣ, ки ба фоидаи ӯ шартномаи суғуртаи шахсӣ баста шудааст ва ё шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки бо шартномаи суғуртаи ҷавобгарии маданию ҳуқуқӣ, ҷавобгарии ӯ суғурта карда шудааст;

– **суғурта аз ҳодисаи нохуш** – намуди суғурта, ки амалӣ намудани пардохти суғуртавиро бо маблағи муқарраршуда ва (ё) ба андозаи қисман ё пурра ҷуброн намудани хароҷоти суғурташуда дар ҳолати фавт, беморин касбӣ, қисман ё пурра гум кардани коршоямӣ ё расидани зарар ба саломатии шахси суғурташуда, дар натиҷаи рух додани ҳодисаи нохуш пешбинӣ менамояд;

– **суғурта ҳангоми беморӣ** – намуди суғурта, ки амалигардонии пардохти суғуртавиро бо маблағи муқарраршуда ва (ё) ба андозаи қисман ё пурра ҷуброн намудани хароҷоти шахси суғурташуда бо сабаби беморӣ ё иллати дигари саломатӣ пешбинӣ менамояд;

– **хавфи суғуртавӣ** – ҳодисаи эҳтимолӣ, ки дар ҳолати рух додани он суғурта анҷом дода мешавад;

– **тарифи суғуртавӣ** – арзиши воҳиди рӯйпӯшкунии суғуртавӣ;

– **пардохти суғуртавӣ** – маблағи пулӣ, ки ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба Суғурташаванда (Фоидагиранда) дар доираи маблағи суғуртавӣ ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба шахси суғурташуда мепардозад;

– **ҷуброни суғуртавӣ** – маблағе, ки ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи Шартномаи суғурта ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ барои пӯшонидани зарари ба молу мулки суғурташуда расонида пардохт менамояд;

– **мукофоти суғуртавӣ** – маблағи пулии дар шартнома дарҷшуда, ки онро суғурташаванда ухдадор аст ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бо тартиб ва дар мухлатҳои дар шартномаи суғурта муқарраргардида пардохт намояд;

– **маблағи суғуртавӣ** – маблағи пулие, ки ба он объекти суғуртавӣ суғурта карда шудааст ва он ҳаҷми ниҳоии масъулияти ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дарбар мегирад;

– **ҳодисаи суғуртавӣ** – воқеъае, ки ҳангоми рух додани он ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи қонун ва Шартномаи суғурта бояд пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– **шартномаи суғурта** –шартнома дар шакли коғазӣ ва электронӣ, ки тибқи он суғурташаванда уҳдадор аст ҳаққи суғуртавиро мутобиқи шартнома пардохт намояд ва ташкилоти суғуртавӣ уҳдадор аст ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавии бо шартнома пешбинишуда ба суғурташаванда ё шахси сеюм (фоидагиранда), ки ба фоидаи ӯ шартнома баста шудааст;

– **полиси суғуртавӣ** – ҳуҷҷат дар шакли коғазӣ ва электронӣ, ки воқеияти баста шудани шартномаи суғурта ва тибқи талаботи шартномаи мазкур мавриди амал қарор гирифтани уҳдадориҳои ташкилоти суғуртавиро оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ (пардохти суғуртавӣ) тасдиқ менамояд;

– **сирри суғуртавӣ** – сирри тиҷоратии суғурташаванда, шахси суғурташуда ё фоидагиранда ва ё маълумоти дигар оид ба суғурташаванда, шахси суғурташуда ё фоидагиранда, ки дар амалигардонии фаъолияти суғуртавӣ ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва шахси фаъолияти миёнаравии суғуртавиро анҷомдиҳанда (агент, брокер) маълум гардидааст;

– **беморӣ (касалӣ)** – ин ҳар кадом бемории ҷисмонӣ, ки дар натиҷаи ҳодисаи нохуш ба вуҷуд омадааст ва ташхиси он дар ҷараёни муҳлати суғурта дар асоси аломатҳои объективии ба илми тиб маълум аз ҷониби табиб гузаронида шудааст, агар дар шартномаи суғурта дигар ҳодиса пешбинӣ нашуда бошад. Санаи беморӣ ин он санае ба ҳисоб меравад, ки шахси Суғурташуда аввалин маротиба ба табиб барои ёрии тиббӣ вобаста ба беморӣ муроҷиат намудааст, ки бо ҳуҷҷати расмии тиббӣ ва ё бо санаи гузаронидани ташхис тасдиқ карда мешавад;

– **бистарикунонӣ** дар табобати шабонарузии статсионарӣ, дар муассисаи тиббӣ қарор доштани шахси суғурташуда (ба истиснои статсионари рӯзона), ки дар натиҷаи ба шахси суғурташуда рӯй додани ҳодисаи нохуш дар муҳлати вақти суғурта ва ё беморӣ, ки дар муҳлати суғурта оид ба хавфҳо ба амал омадааст;

– **гурӯҳи маъюбӣ** – маъюбие, ки бо гурӯҳхои (I, II ва III) муқаррар шудааст ва ё категорияи «кӯдаки маъюб» аз тарафи мақомоти ХДТИ вобаста ба вайроншавии вазифаҳои органҳо ва низоми организми шахси суғурташуда, инчунин дараҷаи маҳдуднамоии фаъолияти ҳаётӣ, муқаррар карда мешавад;

– **маъюбӣ** – дараҷаи маҳдудияти фаъолияти ҳаётии инсон дар натичаи осеббинии саломатӣ бо коҳиши устувори вазифаҳои организм;

– **ҳодисаи нохуш** – ҳодисаи ногаҳонӣ ва кӯтоҳмуддате, ки сарфи назар аз иродаи инсон рух дода, дар натиҷаи он ба ҷисми суғурташуда таъсири берунии механикӣ, барқӣ, кимиёвӣ ё гармӣ расидааст, инчунин аз таъсири офатҳои табиӣ саломатии ӯ зарар дида, ӯ маъюб гаштааст ё фавтидааст;

– **бемориҳои шадид ва ё музминӣ** ва оразҳои он (ҳам пештар ташхисшуда ва ҳам бори аввал пайдошуда), ки бо омилҳои беруна барангехта шуданд, аз ҷумла инфаркти миокарда, сактаи майна, аневризм, варамҳо, ноқисии функкционалии организм, анамалияи модарзоди организм, ҳодисаи нохуш ба ҳисоб намеравад.

## 3. СУБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА

3.1. Субъектҳои суғурта, ин Суғуртакунанда ва шахсоне ба ҳисоб мераванд, ки дар Шартномаи суғурта ба сифати Суғурташаванда, шахси суғурташуда ва Фоидагиранда нишон дода шудаанд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

3.2. Ба сифати Суғуртакунанда ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс» баромад мекунад, ки фаъолияти суғуртавиро дар асоси иҷозатномаи мақоми назорати суғуртавӣ амалӣ мекунад.

## 4. ОБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА

4.1. Объектҳои суғурта манфиатҳои ғайримолумулкие, ки ба ҳаёт ва саломатии шахси суғурташуда ва ё марги вай тааллуқ дорад ва ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад, ба ҳисоб меравад.

## 5. ҲОДИСАҲОИ СУҒУРТАВӢ

5.1. Доиман гум кардани қобилияти меҳнатии шахси суғурташуда дар натиҷаи ҳодисаи нохуш дар муҳлати амали Шартнома, ки бо гурӯҳи аввали маъюбӣ тасдиқ шудааст, ба истиснои ҳодисаҳои дар Қоидаҳо пешбинишуда (минбаъд «маъюбӣ дар натиҷаи ҲН»).

5.2. Дар Шартномаи суғурта ҳамчун хавфи алоҳида инчунин доиман гум кардани қобилияти меҳнатии шахси суғурташуда дар натиҷаи ҳодисаи нохуш бо сабаби садамаи нақлиётӣ дар муҳлати амали Шартнома ки бо гурӯҳи аввали маъюбӣ тасдиқ шудааст, ба истисноии ҳодисаҳои дар Қоидаҳо пешбинишуда (минбаъд «марг дар натиҷаи СН»).

5.3. Доимӣ гум кардани қобилияти меҳнатии шахси суғурташуда дар натиҷаи ҳодисаи нохуш ё бемории дар муҳлати амали Шартнома, ки бо гурӯҳи аввали маъюбӣ тасдиқ шудааст, ба истисноии ҳодисаҳои дар Қоидаҳо пешбинишуда (минбаъд «маъюбӣ дар натиҷаи ҲН ва Б»).

5.4. Доимӣ гум кардани қобилияти меҳнатии шахси суғурташуда бо сабаби муайяннамоии маъюбии гурухи I ва II дар натиҷаи ҳодисаи нохуш дар муҳлати суғурта аз рӯи Шартнома, ба истисноии ҳодисаҳое, ки дар Қоидаҳо пешбинӣ шудааст (минбаъд «маъюбии гурухи I ва II дар натиҷаи ҲН»).

5.5. Доимӣ гум кардани қобилияти меҳнатии шахси суғурташуда бо сабаби муайяннамоии маъюбии гурухи I ва II дар натиҷаи ҳодисаи нохуш ё бемории дар муҳлати суғурта аз рӯи Шартнома, ба истисноии ҳодисаҳое, ки дар Қоидаҳо пешбинӣ шудааст (минбаъд «маъюбии гурухи I ва II дар натиҷаи ҲН ва Б»).

5.6. Зарари ҷисмонии шахси суғурташуда дар натиҷаи ҳодисаи нохуш, ки дар Ҷадвали ҳаҷми пардохти суғурта пешбинишуда, дар Шартномаи суғурта нишон дода шудааст, ба истисноии ҳодисаҳое, ки дар Қоидаҳо пешбинӣ шудааст (минбаъд «Зарари ҷисмонӣ»).

5.7. Муваққатан гум кардани қобилияти меҳнатии шахси суғурташуда дар натиҷаи ҳодисаҳои нохуш дар муҳлати амали Шартнома, ба истисноии ҳодисаҳои дар Қоидаҳо пешбинишуда (минбаъд «корношоямии муваққатӣ дар натиҷаи ҲН»).

5.8. Муваққатан гум кардани қобилияти меҳнатии шахси суғурташуда дар натиҷаи ҳодисаи нохуш ё бемории дар муҳлати амали Шартнома, ба истисноии ҳодисаҳои дар Қоидаҳо пешбинишуда (минбаъд «корношоямии муваққатӣ дар натиҷаи ҲН ва Б»).

5.9. Муваққатан гум кардани қобилияти меҳнатӣ бо сабаби бистарикунонии шахси суғурташуда дар натиҷаи ҳодисаи нохуш дар муҳлати амали Шартнома, ба истисноии ҳодисаҳои дар Қоидаҳо пешбинишуда (минбаъд «бистарикунонӣ дар натиҷаи ҲН»).

## 6. ХАВФҲОИ СУҒУРТАВӢ

6.1. Эҳтимолияти рух додани ҳодисаҳои зерин дар ҳаёти шахси Суғурташуда метавонанд ҳамчун хавфҳои суғуртавӣ аз ҷониби Суғуртакунанда суғурта карда шаванд:

6.1.1. Марги шахси суғурташуда, дар натиҷаи ҳодисаи нохуш дар муҳлати амали Шартномаи суғурта (минбаъд «Марг дар натиҷаи ҲН»);

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

6.1.2. Дар Шартномаи суғурта ҳамчун хавфи алоҳида инчунин марги шахси суғурташуда дар натиҷаи ҳодисаи нохуш бо сабаби садамаи нақлиётӣ дар муҳлати вақти суғурта аз рӯи Шартнома метавонад ба ҳисоб равад, ба истисноти ҳодисаҳои дар банди 5.6. - 5.7. – и Қоида пешбинишуда (минбаъд «марг дар натиҷаи СН»).

6.2. Марги шахси суғурташуда дар натиҷаи ҳодисаи нохуш ё бемориӣ дар муҳлати амали Шартнома, ба истисноти ҳодисаҳои дар Қоидаҳои мазкур пешбинишуда (минбаъд «марг дар натиҷаи ҲН ва Б»).

## 7. ТАРТИБИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ

7.1. Маблағи суғуртавӣ дар Шартнома бо розигии тарафҳо муқаррар карда мешавад. Маблағи суғуртавӣ метавонад дар шакли маблағи ягона ва ё алоҳида оид ба хавфи муайяни суғурта, ки дар Шартнома пешбинӣ шудааст, муқаррар карда шавад.

7.2. Маблағи суғуртавӣ бо пули миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сомонӣ муқаррар карда мешавад. Бо розигии тарафҳо Дар Шартномаи суғурта мумкин аст, маблағҳои суғурта бо асъори хориҷӣ, ки эквиваленти он маблағи дахлдор бо асъор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд, муқаррар карда шаванд (минбаъд – суғурта бо асъори эквиваленти).

7.3. Бо розиигӣ тарафҳо мумкин аст, ки қисмати тағийрот дар маблағи суғуртавӣ, муҳлати суғурта, пардохти даврагии мукофоти суғуртавӣ ва дигар шартҳои Шартнома аз сари нав дида баромада шавад. Ҳамаи тағйироту иловаҳо дар шакли шартномаи иловагӣ ба Шартномаи суғурта ворид карда мешавад.

## 8. ТАРИФИ СУҒУРТАВӢ

8.1. Меъёри тарифӣ дар асоси меъёрҳои тарифии базавӣ бо дарназардошти шартҳои мушахасси суғуртавӣ муқарар карда мешавад.

8.2. Ҳангоми муайян кардани маблағи мукофоти суғуртавӣ, ки тибқи шартномаи суғурта бояд пардохт карда шавад, Суғуртакунанда тарифҳои суғуртавиеро, ки аз ҷониби ӯ ҳисоб карда шудаанд ва ба мақоми назорати суғуртавӣ мувофиқа гардидаанд, бо назардошти дараҷаи хавфи суғуртавӣ, муҳлати суғурта, хавфҳои суғурташуда, инчунин дигар ҳолатҳое, ки барои муайян намудани эҳтимолияти фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ ва ҳаҷми зарари имконпазир аҳамияти муҳим доранд, ҳисоб карда шудаанд, истифода мебарад.

8.3. Суғуртакунанда дар ҳар як ҳолати мушаххас ҳангоми бастани шартномаи суғурта барои муайян намудани дараҷаи хавфи суғуртавӣ ва баҳисобгирии хусусиятҳои молу мулки мушаххас ҳуқуқ дорад ба меъёрҳои заминавии тарифӣ коэффитсиентҳои болоравандa ва пастшавандаро (минбаъд – коэффитсиентҳои ислоҳӣ) мутобиқи Услубҳои иҷозатдодашудаи ҳисобкунии тарифҳои суғуртавӣ ба Қоидаи мазкур истифода барад. Қарор дар бораи ҳаҷми муайяни коэффитсиенти баландкунанда ё пасткунанда аз ҷониби Суғуртакунанда пас аз омӯзиш ва баҳодиҳии маълумот ва ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамуда ва имзонамудаи Суғурташаванда қабул карда мешавад. Андозаи мушаххаси тарифи суғуртавӣ бо мувофиқааи тарафҳо дар шартномаи суғурта муайян карда мешавад.

## 9. МУКОФОТИ СУҒУРТАВӢ

9.1. Мукофоти суғуртавӣ дар ҳаҷм, тартиб ва муҳлате, ки дар Шартномаи суғурта пешбинӣ шудааст, пардохт карда мешавад.

9.2. Ҳангоми муайян намудани ҳаҷми мукофоти суғуртавӣ аз руи Шартномаи суғурта, Суғуртакунанда тарифҳои суғуртавиеро истифода менамояд, ки аз тарафи ӯ ҳисоб карда шуда, ба мақоми назорати суғуртавӣ бо назардошти хавфи суғуртавӣ, ҷинс, синни

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

шахси суғурташуда, муҳлати суғурта, пардохти даврагии мукофоти суғурта, ки ҳангоми ҳисоботи тарифи суғуртавӣ муқаррар карда шудааст, мувофиқа карда шудааст.

9.3. Ҳаҷми мукофоти суғуртавӣ барои соли пурраи суғурта ҳамчун амалинамоии маблағи суғуртавӣ, тарифи суғуртавӣ ва миқдори солҳои суғурта муқаррар карда мешавад.

9.4. Ҳаҷми мукофоти суғуртавӣ барои соли нопурраи суғурта ҳамчун амалинамоии маблағи суғуртавӣ ва тарифи суғуртавӣ, вобаста ба миқдори моҳҳои (рузҳо) суғурта муқаррар карда мешавад.

9.5. Ҳаҷми мукофоти суғуртавӣ барои сол (солҳо) ва якчанд моҳи (рӯз) суғурта ҳамчунин маблағи мукофоти суғуртавӣ барои соли (солҳои пурра) суғурта ва мукофоти суғуртавӣ барои миқдори мувофиқи моҳҳои (рӯзҳо) соли нопурраи суғурта муқаррар карда мешавад.

9.6. Мукофоти суғуртавӣ бо сомонӣ якбора бо пардохти якдафъаина барои тамоми муҳлати суғурта ва ё давра ба давра тариқи ғайринақдӣ пардохт карда мешавад.

9.7. Ҳангоми суғурткунонӣ бо эквиваленти суғурта, мукофоти суғурта бо сомонӣ аз рӯи қурби асъори Бонки милли Тоҷикистон, ки барои асъори хориҷӣ, бо эквиваленти бо Шартнома нишон дода шуда, дар санаи гузаронидани мукофоти суғуртавӣ пардохт карда мешавад.

9.8. Агар дар Шартномаи суғурта супоридани мукофоти суғуртавӣ давра ба давра пешбинӣ шуда бошад, пас дар ҳодисаи дар вақташ пардохт накардани мукофоти суғуртавие, ки дар Шартномаи суғурта пешбинӣ шудааст ва набудани аризаи Суғурташаванда дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Шартнома оид ба уҳдадории Суғурткунанда, ки аз Шартномаи суғурта бармеояд, қатъ мегардад, агар дар Шартномаи суғурта ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад. Дар баробари ин Суғурткунанда ба Суғурташаванда огоҳиномаи хаттӣ дар бораи қатъгардии амали Шартномаи суғурта, ки аз ин Шартнома бармеояд, равон мекунад.

9.9. Дар Шартномаи суғурта мумкин аст, ки ба Суғурташаванда додани муҳлати имтиёзӣ барои пардохти мукофоти навбатӣ пешбинӣ карда шавад, ки он метавонад вобаста ба тартиб ва даврагии пардохти мукофоти суғуртавиро то 90 (навад) рӯз давом намояд.

## 10. ТАРТИБИ БАСТАН, ИҶРО ВА ҚАТЪ НАМУДАНИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТА

10.1. Шартномаи суғурта ба муҳлати муайянкардаи Суғурташаванда ва Суғурткунанда ва дар Шартномаи суғурта нишондодашуда баста мешавад.

10.2. Барои бастани Шартномаи суғурта Суғурташаванда ба Суғурткунанда аризаи хаттии шакли муқаррарнамудаи Суғурткунанда дар бораи суғурткунӣ пешниҳод менамояд, аз он ҷумла, аммо бе маҳудудият: дар шакли электронӣ, ба воситаи алоқаи факсималӣ, электронӣ ва ё шакли дигар алоқаи дар он маълумоти бо шакли пешбининамударо хабар медиҳад. Шартномаи суғурта инчунин дар асоси аризаи шифоҳии Суғурташаванда баста мешавад.

10.2.1. Шартномаи суғурта дар шакли хаттӣ ва ё электронӣ баста шуда аз тарафи Суғурткунанда ба Суғурташаванда дар асоси аризаи хаттӣ/шифоҳӣ, ки аз ҷониби Суғурткунанда имзо шудааст ё бо тартиб додани ҳуҷҷати ягонаи аз тарафи Суғурташаванда ва Суғурткунанда имзо гардидааст, ба расмият даровада мешавад.

10.2.2. Дар сурати ба Суғурташаванда дар асоси аризаи ӯ супурда шудани полиси суғуртавӣ, ризоияти Суғурташаванда бобати бастани Шартномаи суғурта бо шартҳои пешниҳоднамудаи Суғурткунанда (Аксепти Суғурткунанда) ҳангоми аз тарафи Суғурткунанда қабул кардани полиси суғуртавӣ Суғурташаванда тасдиқ меёбад.

10.3. Дар сурати ба Суғурташаванда дар асоси аризаи ӯ супурда шудани полиси суғуртавӣ, ризоияти Суғурташаванда бобати бастани Шартномаи суғурта бо шартҳои

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

пешниҳоднамудаи Суғуртакунанда (Аксепти Суғуртакунанда) бо пардохти аз тарафи Суғурташаванда мукофоти суғурта ба тариқу муҳлати бо полиси суғуртавӣ оферта муқарраршуда тасдиқ меёбад.

10.4. Полиси суғуртавӣ дар ду нусхаи ҳаммонанд барои Суғуртакунанда ва Суғурташаванда тартиб ва имзо мегардад, ки эътибори баробари ҳуқуқӣ доранд. Ҳангоми номувофиқ будани қайд дар бораи интихоби барномаи суғурта, хавф ва ё маблағи суғурта дар нусхаи Полиси суғуртавии Суғурташаванда муқарраpоте, ки дар нусхаи Полиси суғуртавии Суғуртакунанда мавҷуд мебошад, эътибори афзалият доранд.

10.5. Намунаи Полиси суғуртавӣ, ки Суғуртакунанда муқаррар кардааст дар шакли электронӣ дар асоси маълумоте, ки Суғурташаванда пешниҳод намудааст, тартиб дода мешавад. Мазмуни полиси суғуртавӣ дар лифофа, ки бо муҳр тасдиқ карда ба ҳуҷҷати электронӣ табдил дода шудааст бо имзои сифрии электронии намояндани ваколатдори Суғуртакунанда тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон имзои сифрии электронӣ дар ҳуҷҷати электронӣ баробари имзои соядасти намояндаи ваколатдори Суғуртакунанда дар Полиси суғурта дар барандаи қоғазӣ, ки бо муҳр тасдиқ карда шудааст, эътибор дорад.

10.6. Агар тарафҳои Шартномаи суғурта дигар шартҳоро мувофиқа накарда бошанд, имзои Полиси суғурта аз тарафи Суғуртакунанда бо истифодаи инъикоси имзои факсималии намоянди ваколатдори Суғуртакунанда ва муҳри ӯ баробари имзои Шартномаи суғурта аз тарафи Суғуртакунанда дониста мешавад.

10.7. Агар тарафҳои Шартномаи суғурта дигар шартҳоро мувофиқа накарда бошанд, имзои созиши иловагӣ ва ё тағйирот ба Шартномаи суғурта, созиш дар бораи қатъ кардани Шартнома, инчунин дигар ҳуҷҷатҳо вобаста ба бастан, иҷроиш, тағйир додан, қатъ кардани Шартномаи суғурта аз тарафи Суғуртакунанда бо истифодаи инъикоси имзои факсималии намояндаи ваколатдори Суғуртакунанда ва муҳри ӯ ба имзои дахлдор дар созиш тағйирот оид ба дигар ҳуҷҷатҳои аз тарафи Суғуртакунанда пешниҳодшуда баробар дониста мешавад.

10.8. Агар бо созиши тарафҳо шартҳои дигар пешбинӣ нашуда бошад, пардохти мукофоти суғуртавӣ тибқи шартҳои Шартномаи суғуртаи басташуда ва ё Қоидаи суғурта (Шартҳои полиси суғуртавӣ) тасдиқи аз тарафи Суғурташаванда гирифтани Полиси суғуртавӣ (Полиси суғуртавӣ-оферта) ва Қоидаи суғурта мебошад.

10.9. Шартномаи суғуртае, ки бо Суғурташаванда-шахси ҳуқуқӣ баста шудааст, дар шакли ҳуҷҷати ягона барои ҳамаи Шахсони суғурташуда бо замимаи рӯйхати Шахсони суғурташуда ба расмият даровaрда мешавад. Дар баробари ин, аз рӯи хоҳиши Суғурташаванда Суғуртакунанда полиси суғуртавиро ба ҳар як шахси суғурташуда медиҳад.

10.10. Ҳангоми бастани Шартномаи суғурта Суғурташаванда ва Суғуртакунанда метавонанд дар бораи тағйир доданд ва ё хориҷ кардани муқарраротҳои алоҳидаи Қоидаи суғурта, бе зиёд намудани ҳаҷми уҳдадориҳои Суғуртакунанда, ки дар Қоидаи суғуртавии мазкур пешбинӣ шудаанд, мувофиқа намоянд.

10.11. Дар ҳолати гум шудани Шартномаи суғурта (полиси суғуртавӣ) аз тарафи Суғурташаванда, Суғуртакунанда дар асоси аризаи хатии ӯ Суғурташаванда нусхаи ҳуҷҷатро пешниҳод менамояд, пас аз он Шартномаи суғурта (полиси суғуртавӣ) гумшуда, аз лаҳзаи додани ариза аз тарафи Суғурташаванда беэътибор дониста мешавад ва пардохт вобаста ба он амалӣ карда намешавад.

10.12. Шартномаи суғурта дар асоси маълумотҳои зерин баста мешавад:

10.12.1. Маълумотҳое, ки Суғурташаванда дар ариза ва шахси суғурташуда дар саволнома (анкета) тибқи шакли аз тарафи Суғуртакунанда муқарраршуда пешниход шудааст;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

10.12.2. Маълумотҳое, ки Суғурташаванда (шахси суғурташуда) иловатан ба Суғуртакунанда ва ё ба намояндаи ӯ дар дилхоҳ шакл пешниҳод намудааст.

10.13. Ҳамаи малумотҳо дар бораи Суғурташаванда (шахси суғурташуда), Фоидагиранда, ки ба Суғуртакунанда вобаста ба бастан, иҷро ва қатъгардии Шартномаи суғурта маълум шудааст, махфӣ ба ҳисоб меравад. Ин маълумотҳо танҳо бо мақсади Шартномаи суғурта истифода карда мешаванд ва аз тарафи Суғуртакунанда ва намояндаи вай фош карда намешаванд, агар ягон муқаррароти дигар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нашуда бошад.

10.14. Шартномаи суғурта бо шахсони зерин баста намешавад, агар дар Шартномаи суғурта тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад:

10.14.1. маъюбони гурӯҳи 1 ва 2 ва ё дорандагони категорияи «кӯдаки маъюб»;

10.14.2. дорандагони роҳхати амалкунанда ба экспертизаи тиббӣ-иҷтимоӣ;

10.14.3. дорандагони бемориҳои рӯҳи ва ё харобии асаби ташхисшуда;

10.14.4. бемориҳои БПНМ ва ё сироятшудагони ВНМО;

10.14.5. дар зери тадқиқот қарор доштагон ва ё ба маҳрум шудан аз озодӣ маҳкум шудагон.

10.15. Бо шахсони дар Қоидаи мазкур пешбинишуда, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад, Шартномаи суғуртавиро бо шартҳои махсус, ки бо Суғурташаванда мувофиқа шудааст, бандад.

10.16. Агар пас аз бастани Шартномаи суғурта, муқаррар карда шавад, ки Суғурташаванда ба Суғуртакунанда маълумотҳои бардурӯғ ва ё нодурустро оид ба шароитҳое, ки барои муайян намудани эҳтимолияти сар задани ҳодисаҳои суғурта ва арзиши хавфи суғурта аҳамияти амалӣ дошт, инчунин ҳуҷҷатҳои қалбакӣ пешниҳод намудааст, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад, ки тибқи қисми 3, моддаи 196 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон беэътибории Шарномаи суғуртавиро талаб намояд.

10.17. Бо розигии Суғуртакунанда ва Суғурташаванда дар Шартномаи суғурта метавонанд тагйироту иловаҳое, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунанд, ворид намоянд.

10.18. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Шартномаи суғурта дар шакли хаттӣ, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад, агар ягон чизи дигар дар Қоидаҳо ва Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад.

10.19. Аз рӯи Шартномаи суғурта Суғурташаванда бо розигии хаттии шахси суғурташуда, ҳуқуқ дорад ба сифати қабулкунандаи пардохти суғурта Фоидагиранда дилхоҳ шахсро таъин намояд ва минбаъд хаттӣ Суғуртакунандаро огоҳ намуда, бо дигар шахс иваз намояд.

10.20. Ивазнамоии Фоидагиранда аз рӯи шартнома, ки бо розигии шахси суғурташуда таъин карда шудааст, танҳо бо розигии шахси суғурташуда иҷозат дода мешавад.

10.20.1. Фоидагиранда пас аз оне, ки ӯ яке аз уҳдадориҳои дар шартнома пешбинишударо иҷро намудааст ва ё ба Суғуртакунанда талабот оид ба пардохти суғуртавӣ пешниҳод намудааст, иваз намудан мумкин нест.

10.20.2. Бастани Шартномаи суғурта ба манфиати Фоидагиранда, аз он ҷумла дар он ҳодисае, ки вай шахси суғурташуда бошад, ҳам Суғурташавандаро аз иҷро намудани уҳдадориҳо аз рӯи Шартнома озод намекунад, агар дар Шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад ва ё уҳдадории Суғурташавандаро шахсе иҷро кардааст, ки ба фоидаи вай Шартнома баста шудааст.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

10.20.3. Агар Фоидагиранда таъин карда нашавад, пас дар ҳолати вафот кардани шахси суғурташуда, қабулкунандагони пардохти суғуртавӣ меросхӯрони ӯ аз руйи қонун ба ҳисоб мераванд.

10.20.4. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад, ки аз Фоидагиранда, аз ҷумла дар он ҳодисае, ки вай шахси суғурташуда бошад хам, иҷрои уҳдадориҳоро аз рӯи Шартномаи суғурта талаб намояд, аз ҷумла уҳдадориҳои ба зиммаи Суғурташаванда гузошташуда, вале аз тарафи ӯ иҷро нашударо, ҳангоми аз тарафи Фоидагиранда пешниҳод намудани талабот оид ба пардохти суғуртавӣ. Хавфи оқибатҳои иҷро накардан ва ё дар вақташ иҷро накардани уҳдадориро, ки бояд пештар иҷро мешуданд, ба зиммаи Фоидагиранда гузошта мешавад.

10.21. Шартномаи суғурта дар соати 00:00 рӯзи пас аз рӯзи пардохти мукофоти суғуртавӣ (мукофоти суғуртавии якум) дар ҳаҷми пурра, эътибор пайдо мекунад, агар ягон муқаррароти дигар дар Шартномаи суғурта пешбинӣ шуда бошад. Муҳлати амали Шартнома бо розигии Суғурташаванда ва Суғуртакунанда муқаррар карда мешавад ва дар Шартномаи суғурта нишон дода мешавад. Агар ягон муқарраротн дигар дар шарти Шартномаи суғурта нишон дода нашуда бошад, санаи оғози суғуртакунонӣ – 00:00 санаи тақвимӣ, ки пас аз санаи пардохти мукофоти суғурта (мукофоти суғуртавии якум), санаи анҷоми муҳлати суғуртавӣ ба санаи ба охиррасии амали Шартнома мувофиқат мекунад.

10.22. Агар дар Шартномаи суғурта эътибори қонунӣ пайдо намудани он пеш аз пардохти мукофоти суғуртавӣ (мукофоти суғуртавии якум) пешбинӣ шуда бошад, пас ҳангоми ба Суғуртакунанда ворид нагардидани мукофоти якуми суғурта ва ё якбора ворид нагардидани он дар муҳлати дар Шартномаи суғурта муқарраршуда ва ё дар ҳодиса пардохт намудани мукофоти якуми суғурта дар ҳаҷми нопурра, амали Шартномаи суғурта аз санаи бастани Шартномаи суғурта қатъ мегардад, суғуртаи дар Шартнома пешбинӣ шуда амал намекунад, уҳдадори Суғуртакунанда оид ба пардохти суғуртавӣ ба миён намеояд. Дар ҳодисаи пардохт намудани мукофоти суғуртавӣ дар ҳаҷми нопурра, маблағи аз тарафи Суғуртакунанда қабул шуда ба Суғурташаванда баргардонида мешавад, дар баробари ин, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад, ки маблағро дар ҳаҷми зарари ҳангоми бастани Шартномаи баргузорнашуда расонида шудааст, нигоҳдорад (хароҷот барои комиссия бонк оид ба интиқоли баргардонидашуда ва ғайра).

10.23. Амали Шартномаи суғурта қатъ мегардад:

10.23.1. Ҳангоми гузаштани муҳлати амали Шартнома.

10.23.2. Ҳангоми аз тарафи Суғуртакунанда иҷро гардидани уҳдадориҳо дар ҳаҷми пурра.

10.23.3. Бо ташаббуси Суғуртакунанда дар ҳолати аз тарафи Суғурташаванда пардохт нагардидани мукофоти суғуртавии навбатӣ дар муҳлати дар Шартномаи суғурта пешбинишуда ва ҳангоми набудани аризаи Суғурташаванда дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Шартнома (агар дар Шартномаи суғурта муқарраротн дигар пешбинӣ нашуда бошад). Дар баробари ин, уҳдадории Суғуртакунанда, ки аз Шартномаи суғурта бармеояд, тибқи моддаи 469 ва қисми 3 моддаи 1066 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи баъд аз санаи пардохт намудани мукофоти суғуртавии омадаистода, ки муҳлати ворид намудани он ба таъхир гузошта шудааст, қатъ мегардад, агар дар Шартномаи суғурта муқарраротн дигар пешбинӣ нашуда бошад. Дар баробари ин Суғуртакунанда ба Суғурташаванда огоҳиномаи хаттӣ дар бораи қатъ гаштани амали Шартномаи суғурта ва уҳдадориҳои худ, ки аз Шартномаи суғурта мазкур бармеоманд, равон мекунад.

10.23.4. Бо ташаббуси Суғурташаванда.

Дар бораи нияти пеш аз муҳлат қатъ намудани Шартнома Суғурташаванда бояд на камтар аз 30 рӯз пеш аз санаи қатъгардии Шартномаи суғурта Суғуртакунандаро огоҳ намояд, агар тарафҳо муҳлат дигарро мувофиқа накарда бошанд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Шартнома аз соати 00:00 дақиқаи рӯзи дар ариза нишон додашуда ва ё дар муддати 30 рузи аз санаи гирифтани ариза аз тарафи Суғуртакунанда қатъ мегардад, агар санаи қатъгардии Шартномаи суғурта нишон дода нашуда бошад, ва ё санаи аз тарафи Суғурташаванда нишон дода шуда, нисбат ба санаи гирифтани ариза аз тарафи Суғуртакунанда 30 рӯз барвақтар бошад.

10.23.5. Бо розигии тарафҳо.

Дар бораи нияти қатъ кардани амали Шартномаи суғурта бо огоҳинамоии хаттии мутақобила на камтар аз 30 (сӣ) рӯз то санаи қатъгардии пешбинишуда.

10.23.6. Агар эҳтимолияти сар задани ҳодисаи суғуртавӣ аз байн рафта бошад ва мавҷудияти хавфи суғуртавӣ ба ҷои ҳодисаи суғуртавӣ, бо дигар шартҳо, ба охир расад, пас ба Суғурташаванда қисми мукофоти суғуртавии пардохтшуда, ки мутносибан ба қисми давраи ба таъхир нафтодаи Шартномаи суғурта баробар аст, баргардонида мешавад.

10.23.7. Марги Суғурташаванда, ки шахси суғурташуда ба ҳисоб намерафт ва ё барҳамдиҳӣ, азнавташкилдиҳии Суғурташаванда (шахси ҳуқуқӣ) тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар шахси суғурташуда ва ё шахси дигар ба зиммаи худ ухдадории Суғурташавандаро аз рӯи Шартномаи суғурта, ки дар Қоидаҳо пешбинӣ шудааст, нагиранд.

10.23.8. Дар дигар ҳолатҳое, ки дар Қоидаҳо, Шартномаи суғурта ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд.

10.24. Дар чунин ҳолатҳо амали шартномаи суғуртавӣ нисбати Суғурташуда қатъ карда мешавад, агар дигар ҳолатҳо дар Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад:

10.24.1. Ташхис гузаронии бемориҳои руҳӣ ва иллатҳо аз санаи гузоштани ташхис.

10.24.2. Маҳкум намудан барои аз озодӣ маҳрумнамоӣ аз санаи қувваи қонуни гирифтани ҳукми суд.

10.25. Ҳамаи огоҳиномаҳо ва хабарномаҳо дар бораи иҷро ва қатъ гардии Шартномаи суғурта ба суроғаҳои дар Шартнома пешбинишуда равон карда мешаванд. Дар ҳолати иваз шудани суроға ва ё реквизитҳо тарафҳо ухдадор мешаванд, ки дар муҳлати 30 (сӣ) рӯз якдигарро огоҳ намоянд. Агар тараф оид ба иваз шудани суроға ва реквизит огоҳ карда нашуда бошад, пас ҳангоми равон намудани огоҳинома ва хабарҳо ба суроғаи пештараи он расонидашуда ба ҳисоб мераванд.

10.26. Дилхоҳ огоҳинома ва хабарномаҳои ба бастан, иҷро ва ё қатъгардии муносибатҳои шартномавӣ вобастабуда, ба суроғаи якдигар равонкарда ба ҳисоб меравад, агар онҳо танҳо дар шакли хаттӣ тартиб дода шуда, аз тарафи намояндагони ваколатдори тарафҳо ба имзо расонида шуда бо усуле равон карда шуда бошанд, ки асоси равон карданро тасдиқ намояд, агар муқаррароти дигар дар Шартномаи суғуртавӣ пешбинӣ нашуда бошад.

10.27. Шартнома аз рӯи қоидаи тасдиқшуда тартиб дода мешавад. Ворид намудани муқарраротҳои бегона ба шартнома ва полиси суғуртавӣ мумкин нест.

10.28. Дар Шартномаи суғурта давраи интизорӣ пешбинӣ шуданаш мумкин аст.

10.29. Суғуртакунанда метавонад бо мақсади азнавсуғуртакунӣ дар шартномаҳои суғурта шартҳоеро, ки ба стандартҳо ва таҷрибаи байналмилалии азнавсуғуртакунӣ мутобиқат мекунанд, истифода намояд. Банди мазкур нисбати шартномаҳое, ки ба азнавсуғуртакунӣ фаро гирифта намешавад, татбиқ намегардад.

## 11. ҲУҚУҚУ УХДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

11.1. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад:

11.1.1. Бо Қоидаи суғурта ва Шартномаи суғурта шинос шавад, нусхаи Қоида ва Шартномаро, ки тибқи он Шартномаи суғурта баста шудааст, ба худ гирад.

11.1.2. Баёноти дилхоҳро оид ба Шартномаи суғуртаи басташуда гирад.

...ОЧИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

11.1.3. Нусхаи дуюми Шартномаи суғуртаро (Полиси суғуртавиро) дар ҳолати гум кардани он гирад.

11.1.4. Риояи шартҳои Шартномаи суғуртаро аз тарафи Суғуртакунанда назорат намояд.

11.1.5. Фоидагирандаро бо риояи шарти иваз намудан, ки дар банди 10.19. Қоида ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, таъин ва иваз намояд.

11.1.6. Пеш аз муҳлат Шартномаи суғуртаро бо огоҳинамоии ҳатмии Суғуртакунанда на дертар аз 30 (сӣ) рӯз то санаи қатъгардии тахминшуда, қатъ намояд.

11.1.7. Бо розигии Суғуртакунанда ба Шартномаи суғурта тағйирот ворид намояд.

11.1.8. Бо розигии Суғуртакунанда ба Шартномаи суғуртаи дастаҷамъӣ, ки ба тағйироти рӯйхати шахсони суғурташуда, дар қисми ворид намудан ба Шартнома ва хориҷ намудани шахсони алоҳида вобаста аст, тағйирот ворид намояд. Тағйироти дар боло нишон додашуда, нисбати Шахсони суғурташуда танҳо то сар задани ҳодисаи суғурта дар қисми ин шахси суғурташуда, ки дар Шартнома пешбинӣ шудааст, амалӣ карда мешавад. тағйироти мазкур бо Созишномаи иловагӣ ба Шартномаи суғурта ба расмият дароварда мешавад.

11.1.9. Ҳангоми сар задани ҳодисае, ки нишонаи ҳодисаи суғуртавиро дорад, аз Суғуртакунанда иҷрои уҳдадориҳои ба зиммаи худ гирифтаашро аз рӯи Шартномаи суғурта ба фоидаи вай басташуда, талаб намояд.

11.1.10. Ҳангоми бастани шартномаи суғурта аз Суғуртакунанда иқтибос аз Қоидаи суғуртавӣ талаб намояд.

11.1.11. Маълумоти муфассал дар бораи худи Суғуртакунанда талаб намояд.

11.1.12. Ҳангоми бе асос ва ё саривақт иҷро нагардидани уҳдадориҳои Суғуртакунанда, ки аз рӯи Шартномаи суғурта бар меояд, ба мақомотҳои дахлдор шикоят намояд.

11.1.13. Аз Суғуртакунанда маълумотро дар бораи устувории молиявии ӯ, ки сирри тиҷоратӣ ба ҳисоб намеравад, ба даст орад.

11.2. Суғурташаванда уҳдадор аст:

11.2.1. Мукофоти суғуртавиро дар ҳаҷм ва муҳлати дар Шартномаи суғурта пешбинишуда пардохт намояд.

11.2.2. Ҳангоми бастани Шартномаи суғурта ба Суғуртакунанда ҳамаи маълумотҳоро дар бораи шахсони суғурташаванда (суғурташуда) хабар диҳад, аз ҷумла дар бораи ҳаёт, фаъолият ва вазъи саломатӣ, ки барои муайяннамоии дараҷа ва хусусияти хавф, ки барои ба суғурта гирифтани Суғуртакунанда лозиманд.

11.2.3. Дар бораи худ ва Фоидагиранда маълумотҳои ҳақиқиро пешниҳод намояд.

11.2.4. Талаботи Шартномаи суғуртавиро иҷро намояд.

11.2.5. Аз рӯи талаботи Суғуртакунанда дар муҳлати муқарраршуда маълумот ва ҳуҷҷатҳои зарурииро пешниҳод намояд.

11.2.6. Ҳангоми сар задани ҳодисаи ба расонидани зарар ба саломатӣ вобастабуда, шахси суғурташуда уҳдадор аст:

– бетаъхир ба духтур муроҷиат намояд ва бечуну чаро тавсияҳои духтурро бо мақсади кам кардани оқибатҳои зарари расонидашуда риоя намояд.

– ҳангоми ба вуҷуд омадани имконият бо роҳҳои дастраси дилхоҳ, ки ба таври объективи ба гирифтани далели муроҷиатро медиҳад, дар бораи ҳодисаи ба вуҷудомада ба Суғуртакунанда ва ё намояндаи вай хабар диҳад.

11.2.7. Гирифтани розигии шахси суғурташуда дар барои аз рӯйхати Шахсони суғурташуда хориҷ ва ё иваз намудани шахсони суғурташуда аз рӯи Шартномаи суғурта.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

11.2.8. Дар давраи амали Шартномаи суғурта бетаъхир, дар мухлати 10 рўз, вақте ки дар бораи он бохабар шуд, дар шакли хаттӣ ба Суғуртакунанда дар бораи ҳамаи тағйиротҳо дар шароит, ки онҳо ҳангоми бастани Шартномаи суғурта хабар дода шуда буданд ва барои муайян намудани дараҷаи хавфи суғуртавӣ таъсир расониданд, хабар диҳад, зеро ин тағйиротҳо метавонанд амалан ба зиёдшавии дараҷаи хавфи суғуртавӣ таъсир расонанд, аз он ҷумла ивазнамоии ҷои зист, ҷои кор, намуди фаъолияти Шахсони суғурташуда ва ғайра (ивазшавии шароит дар он ҳодиса ҳақиқӣ ба ҳисоб мераванд, ки онҳо ҳамчунон иваз шуда бошанд, ки агар тарафҳо оқилона онро пешбинӣ карда метавонистанд, пас шартнома тамоман баста намешуд ва ё шартҳои тамоман фарққунанда баста мешуд).

11.2.9. Дар мухлати 30 рўз Суғуртакунандаро бо роҳҳои дастраси дилхоҳ, ки имконияти қайд намудани далели муроҷиатро медиҳад, дар бораи сар задани ҳодисаи суғурта бо пешниҳоди минбаъдаи маълумотҳои зарур ва замимаи ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда тибқи рўйхати дар Қоидаи мазкур пебинишуда, хабар диҳад. Уҳдадории Суғурташавандаро оид ба далели сар задани ҳодисаи муайяншуда бо шахси суғурташуда, метавонад аз тарафи Фоидагиранда анҷом дода шавад.

11.2.10. Иҷро намудани ҳамаи муқаррароти Қоидаҳо, Шартномаи суғурта ва дигар ҳуҷҷатҳо, ки муносибати ҳуқуқиро байни Суғурташаванда ва Суғуртакунанда вобаста ба бастан, иҷро ва қатъгардии ин муносибатҳо, устувор мегардонад.

11.2.11. Дар ҳодисаи шубҳа кардан ба асл ва ё ҳақиқӣ будан, инчунин кифоя будани ҳуҷҷатҳое, ки аз тарафи Суғурташаванда (Суғурташуда) бо сабаби сар задани ҳодисаҳое, ки аломати ҳодисаи суғуртавиро дорад, пешниҳод шудаанд ва ё барои тасдиқи гум кардани коршоямӣ ҳангоми таъин намудани гурўҳи маъюбӣ, аз рўи талаботи Суғуртакунанда таҳқиқи такрории лабораторӣ ва инструментали (аз ҷумла таҳкики ултрасадо, рентгенӣ ва дигар намудҳои ташхиси шуоъй), назорати такрории тиббӣ, ки аз тарафи духтурони гуногунсоҳа амалӣ карда мешаванд, гузаштан лозим аст.

11.2.12. Дар шакли хаттӣ ба Суғуртакунанда дар мухлати 10 рўз аз рўзи бохабар шуданаш дар бораи тағйиротҳои зерин хабар диҳад:

– дар бораи иваз шудани суроғаи почтавӣ ва суроғаи бақайдгирӣ;

– дар бораи иваз шудани маълумотҳои шиносномавии (реквизитҳо) Суғурташаванда, шахси суғурташуда Фоидагиранда;

– дар бораи шароите, ки ба арзиши дараҷаи хавфи суғурта таъсир мерасонад (ҷои кор, намуди машғулият).

Уҳдадории дар банди мазкур пешбинишуда ба шахси суғурташуда низ паҳн мешавад.

11.2.13. Агар Суғурташаванда (Суғурташуда) беш аз се моҳ берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта бошад, пас намояндаи худро, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагонӣ мекунад, таъин намояд. Намоянда бояд ҳуқуқи қабул намудани хабарҳои расмии Суғуртакунандаро доро бошад.

11.2.14. Ба Суғуртакунанда пардохти суғуртавиро (ва ё қисмати мутобиққунандаи онро) баргардонад, агар ошкор карда шавад, ки чунин ҳолате, ки аз рўи қонунунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қоидаи суғурта ва Шартномаи суғурта, пурра ва ё қисман Суғурташавандаро (Фоидагирандаро) аз ҳуқуқ ба пардохти суғуртавӣ маҳрум менамояд.

11.2.15. Дигар уҳадориҳои дар Шартномаи суғурта, Қоидаи суғурта ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршударо иҷро намояд.

11.3. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад:

11.3.1. Ҳақиқӣ будани маълумотҳоеро, ки аз тарафи Суғурташаванда ва ё шахси суғурташуда бо роҳҳои дилхоҳи дастрас, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад пешниҳод шудааст, тафтиш намояд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

11.3.2. Иҷроиши талаботи Шартномаи суғурта ва муқаррароти Қоидаҳоро аз тарафи Суғурташаванда (шахси суғурташуда) тафтиш намояд;

11.3.3. Тарифҳои суғуртавии аз тарафи ӯ таҳияшуда ва коэффитсентҳои ислоҳкунанда ва онро барои муайян намудани ҳаҷми мукофоти суғуртавӣ бо дарназардошти экспретизаи пеш аз бастани шартномаи суғурта гузаронидашуда нисбати шахсони барои суғуртакунӣ қабулшуда, шартҳои суғуртакунонӣ ва дараҷаи арзиши хавфи суғурта, истифода намояд.

11.3.4. Мустақилона қарорро дар бораи кифоя будани ҳуҷҷатҳои амалан пешниҳодшуда барои эътироф намудани ҳодисаи бо шахси суғурташуда рӯйдода ҳамчун ҳодисаи суғурта ва муайяннамоии ҳаҷми пардохти суғуртавиро қабул намояд.

11.3.5. Дар ҳолати ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳолифат накардан, оиди дуруст будани Шартномаи суғурта ҳангоми вайрон ва ё ба таври дахлдор иҷро нагардидани муқаррароти Қоидаҳо ва Шартномаи суғурта аз ҷониби Суғурташаванда (шахси суғурташуда) ҷиҳати ҳақиқи будани он баҳс намояд.

11.3.6. Барои қабули қарор дар бораи пардохти суғуртавӣ, ҳангоми зарурат дархостро ба мақомотҳои ваколатдор дар бораи сар задани ҳодисаҳои суғуртавӣ равон намояд, инчунин аз шахси суғурташуда (Фоидагиранда) маълумотҳои иловагие, ки далел ва сабаби сар задани ҳодисаҳои суғуртавиро тасдиқ мекунанд, талаб намояд.

11.3.7. Дароз намудани муҳлати қабули қарор дар бораи пардохти суғуртавӣ то дастрас намудани маълумоти пурра дар бораи ҳодисаи суғуртавӣ ва ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда ба он.

11.3.8. Дароз намудани муҳлати қабули қарор дар бораи пардохти суғуртавӣ дар ҳолати оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ аз рӯи асоси сар задани ҳодиса то лаҳзаи қабули қарори дахлдор аз тарафи мақомоти салоҳиятдор.

11.3.9. Пардохти суғуртавиро дар ҳолати дар Қоидаҳо, Шартномаи суғурта ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда рад кунад.

11.4. Суғуртакунанда уҳдадор аст:

11.4.1. Суғурташавандаро бо Қоида ва Шартномаи суғурта шинос намояд;

11.4.2. Таъмин намудани махфият ва бехатарии маълумотҳо дар бораи Суғурташаванда, шахси суғурташуда ва Фоидагиранда, ҳангоми бастани шартномаи суғурта ба Суғуртакунанда маълум гардидааст.

11.4.3. Ҳангоми сар задани ҳодиса бо шахси суғурташуда, ки нишонаи ҳодиса суғуртавиро дорад, пас аз дастрас намудани ҳамаи ҳуҷҷатҳо қарорро дар бораи пардохти суғуртавӣ ва ё рад кардани пардохти суғуртавӣ қабул кунад ва ҳангоми ҳодисаи суғуртавӣ эътироф намудани ҳодисаи арзшуда, пардохти суғуртавиро дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи шартномаи суғурта амалӣ намояд.

11.4.4. Дар бораи дароз кардани қабули қарор оид ба пардохти суғуртавӣ бо нишон додани муҳлат ба шахсе, ки барои пардохти суғуртавӣ мурочита намудааст хаттӣ хабар диҳад.

## 12. МУАЙЯН НАМУДАНИ ҲАҶМИ ЗИЁН Ё ЗАРАР

12.1. Ҳангоми сар задани ҳодиса бо шахси суғурташуда, ки нишонаи ходисаи суғуртавиро доро мебошад, Суғурташаванда, шахси суғурташуда ва ё Фоидагиранда бояд Суғуртакунандаро дар муҳлати 30 (сӣ) шабона рӯз, аз рӯзе ки ба шахсони дилхоҳи дар боло зикршуда маълум шудани маълумот дар бораи сар задани ҳодисаи суғуртавӣ, бо роҳҳои дастраси дилхоҳ, ки барои объективона ба қайд гирифтани далели мурочиат имконият медиҳад, огоҳ намояд.

12.2. Ҳаҷми пардохти суғуртавӣ аз маблағи суғуртавии дар Шартномаи суғурта муқарраршуда, ки ба хавф мувофиқат мекунад, муқаррар карда мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

12.3. Ҳангоми сар задани ҳодисаи суғуртавӣ оид ба хавфҳои дар боби 5 ва боби 6 Қоидаи суғурта пешбинишуда ва ба Шартномаи суғурта ворид карда шуда, агар муқаррароти дигар дар Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад:

12.3.1. Оид ба хавфи «марг дар натиҷаи ҲН», «марг дар натиҷаи ҲН ва Б», «марг дар натиҷаи СН» пардохти суғуртави якбора дар ҳаҷми 100% оид ба хавфи суғурта амалӣ карда мешавад.

12.3.2. Оид ба хавфи «маъюбӣ дар натиҷаи ҲН», «маъюбӣ дар натиҷаи ҲН ва Б», «маъюби дар натиҷаи СН», «маъюбии гуруҳи I ва ё II дар натиҷаи ҲН», «маъюбии гуруҳи I ва ё II дар натиҷаи ҲН ва Б» пардохти суғурта якбора ҳангоми муайян намудани гуруҳи маъюбӣ дар ҳаҷми дар Шартномаи суғурта пешбинишуда-то 100% аз маблағи суғурта аз рӯи хавфи суғурта оид ба ҳар як гуруҳи маъюбӣ амалӣ карда мешавад. Дар баробари ин агар дар муҳлати амали Шартномаи суғурта тағйирёбии гуруҳи маъюбии шахси суғурташуда ба самти зиёдшавии дараҷаи он, ба амал ояд, пас Суғуртакунанда пардохти иловагиро, ки ифодакунандаи фарқият байни маблағе, ки барои дарачаи пасти маъюбии Суғурташаванда (шахси суғурташуда) пардохт мешуд ва маблаги барои дараҷаи баланди маъюбӣ пардохтшаванда мебошад, амалӣ менамояд.

12.3.3. Оид ба хавфи «зарари ҷисмонӣ» ҳаҷми пардохти суғурта тибқи Ҷадвали ҳаҷмҳои пардохти барои зарари ҷисмонӣ, ки дар Шартнома пешбинӣ шудааст, муайян карда мешавад.

12.3.4. Оид ба хавфи «корношоямии муваққатӣ дар натиҷаи ҲН», «корношоямии муваққатӣ дар натиҷаи ҲН ва Б» пардохти суғурта барои ҳар як рӯзи корношоями, аз рӯзи 1 ва ё дигар рӯзи корношоями, ки дар Шартнома пешбини шудааст, оғоз намуда. Микдори рӯзи корношоямӣ танҳо дар асоси варақаи корношоями, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи ташкилоти тиббӣ ва корфармо ба расмият дароварда шудааст, муқаррар карда мешавад. Нусхаи варақаи корношоями аз тарафи корфармо тасдиқ карда мешавад. Дар Шартномаи суғурта метавонад миқдори максималии рӯзҳо барои пардохт оид ба корношоямии ба як ҳодисаи суғурта вобастабуда муқаррар карда шавад. Ҳаҷми пардохти суғурта мутобиқи шартҳои шартнома муқаррар карда мешавад. Ҳаҷми пардохти суғуртавӣ барои ҳар як рӯзи қобили меҳнат набудани муваққатӣ метавонад дар шартнома дар ҳаҷми маблағи суғуртава ё бо фоизҳои маблағи суғуртаӣ аз рӯи хавфи мувофиқаткунанда муайян карда шавад.

12.3.5. Аз рӯи хавфҳои «бистарӣ намудан дар натиҷаи ҲН», «бистарӣ намудан дар натиҷаи ҲН ва Б»пардохти суғуртавӣ барои ҳар як рӯзи буду бош дар табобати статсионарӣ, ибтидоан аз рӯзи якум ва ё рӯзи дигари дар шартнома ишора шуда амалӣ карда мешавад. Дар Шартномаи суғурта метавонад шумораи максималии рӯзҳои буду бош дар табобати статсионарӣ, вобаста бо як ҳодисаи суғурта, ки барои он пардохти суғуртавӣ амалӣ мегардад, ифода ёбад. Ҳаҷми пардохти суғурта мутобиқи шартҳои шартнома муқаррар карда мешавад. Ҳаҷми пардохти суғуртавӣ барои ҳар як рӯзи қобили меҳнат набудани муваққатӣ метавонад дар шартнома дар ҳаҷми маблағи суғуртавӣ ва ё бо фоизҳои маблағи суғуртавӣ аз рӯи хавфи мувофиқаткунанда муайян карда шавад.

12.3.6. Аз рӯи хавфи «амалиёти ҷарроҳӣ дар натифҷаи ҲН» ва «амалиёти ҷарроҳӣ дар натиҷаи ҲН ва Б» Пардохти суғурта мутобиқи Ҷадвали ҳаҷмҳои пардохти суғуртавӣ, ки дар шартнома ифода ёфтаанд, амалӣ карда мешаванд.

12.3.7. Аз рӯи хавфи «ҲН ВА Б» пардохти суғурта як маротиба ҳангоми рух додани ҳодисаи суғурта дар ҳаҷми 100% аз маблағи суғуртавӣ, ки нисбати хавфи мазкур муқаррар гардидааст, агар дигар ҳодисаҳо дар Шартномаи суғурта муқаррар нагардида бошад, дар чунин тартиб амалӣ карда мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

12.4. Суғуртакунанда бо мақсади содда гардонидани раванди пардохтҳои суғуртавӣ ва ҷубронҳои суғуртавӣ дар ҳолати зарурӣ метавонад, пардохтҳои суғуртавӣ ва ҷубронҳои суғуртавиро то 100 (сад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар асоси санадҳои суғуртавии дохилӣ (бидуни ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи мақомоти дахлдор) амалӣ намояд.

## 13. ТАРТИБИ МУАЙЯНКУНИИ МАБЛАҒИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ПАРДОХТИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

13.1. Пардохти суғуртавӣ аз рӯи хавфи «ҲН ва Б» дар ҳодисаи аввали «ҲН ва Б» (ташхиси дар ҷараёни мӯҳлати суғурта ба Суғурташуда гузошта шуда) амали карда мешавад. Пардохт аз рӯи хавфи «ҲН ва Б» танхо агар ташхис бо гузаштани давраи интизории муқаррарнамудаи шартнома муқаррар гардида бошад, амалӣ карда мешавад.

13.1.1. Ҳангоми рух додани ҳодисаи суғурта аз рӯи хавфи «ҲН ва Б» аз рӯи шартномаи пардохти иловагӣ, пардохти суғурта аз рӯи ҳодисаи «ҲН ва Б» аз ҷониби Суғуртакунанда баъди гузаштани муҳлати дар Шартномаи суғурта муқаррар гардидаи давраи зиндамони, ки аз санаи рух додани ҳодисаи суғурта аз рӯи хавфи «ҲН ва Б» ибтидо мегирад, амалӣ карда мешавад.

13.1.2. Агар шартномаи пардохти иловагӣ аз рӯи хавфи «ҲН ва Б» пардохтро аз рӯи хавфҳои «марг дар натиҷаи ҲН», «марг дар натиҷаи ҲРН» ва ё «марг дар натиҷаи ҲН ва Б» пешбинӣ намояд, онгоҳ чунин пардохт дар ҳаҷми маблағи суғуртавии хавфи мазкур новобаста аз пардохти ҳодисаи суғуртавии «ҲН ва Б» амалӣ карда мешавад.

13.1.3. Агар шартномаи пардохти таъҷилӣ аз рӯи хавфи «ҲН ва Б» пардохтро аз рӯи хавфҳои «марг дар натиҷаи ҲН», «марг дар натиҷаи ҲРН» ва ё «марг дар натиҷаи ҲН ва Б» пешбинӣ намояд, он гоҳ чунин пардохт дар ҳаҷми маблағи суғурта аз рӯи хавфи мазкур, бо тарҳи маблағи нисбати ҳодисаи суғуртавии «ҲН ва Б» пештар амали гашта, амалӣ карда мешавад.

13.1.4. Агар дар барномаи индивидуалии офияти Суғурташуда баъди рух додани ҳодисаи суғурта воситаҳои техникии ёрии тиббӣ ишора гардида бошанд (аробачаи маъюбӣ, таҷҳизоти ортопедӣ ва диг.), он гоҳ агар ин бо шартномаи суғурта пешбинӣ шуда бошад, ҳаҷми пардохти суғуртавӣ вобаста бо ин ҳодиса метавонад дар ҳудуди маблағи дар Шартномаи суғурта пешбинӣ шуда зиёд карда шавад.

13.2. Агар ҳодисаи суғуртавӣ то муҳлати навбатии пардохти мукофоти суғуртавӣ, ки ворид намудани он батаъхир гузошта шудааст, сар занад, Суғуртакунанда маблағи мукофоти батаъхир гузошташударо аз ҳаҷми пардохти суғуртавӣ, ки бояд пардохт шавад, ҷудо менамояд.

13.3. Пардохти суғуртавӣ мумкин аст пардохт карда шавад:

13.3.1. Ба шахси суғурташуда ва ё намояндаи қонунии ӯ (оид ба ҳодисаҳои суғуртавӣ ба ғайр аз хавфҳои «марг дар натиҷаи ҲН», «марг дар натиҷаи ҲН ва Б», «марг дар натиҷаи СН»).

13.3.2. Дар ҳодисае, ки шахси суғурташуда, пардохти суғуртавии ба ӯ тааллуқ доштаро нагирифта вафот кунад, пардохти маблағи зикршуда ба меросхӯрони ӯ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

13.3.3. Дар ҳодисаи вафоти шахси суғурташуда, чунин афзалият оид ба пардохти суғуртавӣ риоя карда мешавад:

13.3.3.1.Навбати якум ба Фоидагирандаи дар Шартномаи суғурта пешбинишуда. Агар дар Шартнома якчанд Фоидагиранда муқаррар карда шуда бошад, вале ҳиссаи онҳо муайян нашуда бошад, пас пардохт аз рӯи ҳиссаи баробар барои ҳамаи Фоидагирандагон амалӣ карда мешавад.

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

13.3.3.2.Навбати дуюм агар Фоидагиранда таъин нашудааст, аз шахси суғурташуда пештар вафот кардааст, бо шахси суғурташуда якҷоя вафот кардааст, пас ба меросхурони қонунии шахси суғурташуда тибқи ҳиссаҳои онҳо.

13.3.3.3.Агар Фоидагиранда, пардохти суғуртавии ба ӯ муқарраршударо нагирифта вафот кунад, пас ҳуқуқи гирифтани пардохти суғурта ба меросхӯрони Фоидагиранда мегузарад, агар дар Шартнома муқаррароти дигар пешбинӣ нашуда бошад.

13.4. Ҳангоми бо қарори суд вафотёфта эътироф намудани шахси суғурташуда, пардохти суғуртавӣ ба шарте амалӣ карда мешавад, ки агар дар қарори суд нишон дода шавад, ки шахси суғурташуда дар шароити ба ҳаёт таҳдидкунанда бедарак ғоиб шудааст ва ё асос барои тахмин намудани вафоти ӯ аз рӯи ҳодисаи нохуши муайян мавҷуд аст ва рӯзи бедарак ғоиб шудан ва ё вафоти тахминшуда ба муҳлати суғурта рост меояд. Ҳангоми бо қарори суд бедарак ғоибшуда эълон намудани шахси суғурташуда, пардохти суғуртавӣ амалӣ карда намешавад.

13.5. Пардохти суғуртавӣ ба намояндаи шахси суғурташуда (Фоидагиранда) метавонад аз рӯи ваколатнома, ки аз тарафи шахси суғурташуда (Фоидагиранда) тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудааст, амалӣ карда шавад.

13.6. Агар Фоидагиранда ноболиғи то синни 18 сола бошад, пас пардохти суғуртавӣ ба ӯ тааллуқдошта ба суратҳисоби бонкии Фоидагиранда бо огоҳ намудани намояндагони қонунии ӯ (волидон, писархондагон, васиён ва парасторон) гузаронида мешавад, агар муқаррароти дигар дар шарти Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад.

13.7. Барои гирифтани пардохти суғуртавӣ Суғурташаванда (шахси суғурташуда, Фоидагиранда) бояд ба Суғуртакунанда аризаи хаттӣ тибқи шакли аз тарафи Суғуртакунанда муқарраршуда равон кунад ва ҳуҷҷатҳои дар Қоидаҳо пешбинишударо пешниҳод намояд.

13.8. Барои гирифтани пардохти суғуртавӣ ба Суғуртакунанда бояд ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда шавад:

13.8.1. Бо сар задани ҳодисаҳо оид ба хавфи «марг дар натиҷаи ҲН», «марг дар натиҷаи ҲН ва Б», «марг дар натиҷаи СН»:

- нусхаи Шартномаи суғурта (полиси суғуртавӣ);
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти Фоидагиранда;
- рақами мушаххаси андозсупорандаи Фоидагиранда;
- ариза оид ба гирифтани пардохти суғуртавӣ аз рӯи шакли аз тарафи Суғуртакунанда муқарраршуда;
- нусхаи бо тариқи нотариалӣ тасдиқшудаи шаҳодатномаи никоҳ ва марги шахси суғурташуда;
- фармони Суғурташаванда (шахси суғурташуда) дар бораи таъин намудани Фоидагиранда аз рӯи Шартномаи суғурта, агар он алоҳида аз полиси суғуртавӣ тартиб дода шуда бошад;
- нусхаи шаҳодатномаи тиббӣ дар бораи вафоти шахси суғурташуда ва ё эпикризи пас аз вафот;
- нусхаи протокол дар бораи чок кардан (агар мавҷуд бошад);
- нусхаи маълумотнома дар бораи СН, дар ҳодиса вафот дар натиҷаи СН;
- нусхаи санад дар бораи ҳодисаи нохуш дар истеҳсолот, ҳангоми вафот аз ҳодисаи нохуш дар истеҳсолот;
- ҳуҷҷате, ки хешу табориро бо шахси суғурташуда тасдиқ мекунад, ки он дар Шартномаи суғурта пешбинӣ шудааст, агар дар Шартномаи суғурта маълумоти шиносномавии Фоидагиранда нишон дода нашуда бошад;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқ ба мерос, ки аз тарафи нотариус дода шудааст (ва ё нусхаи тасдиқшудаи он), ба меросхури шахси суғурташуда пешниҳод карда мешавад, агар Фоидагиранда дар Шартнома нишон дода нашуда бошадва ё ба меросхури Фоидагиранда пешниҳод карда мешавад, агар Фоидагиранда пардохти ба ӯ тааллуқдоштаро нагирифта вафот карда бошад.

13.8.2. Бо сабаби сар задани ҳодисаҳо оид ба хавфи «маъюбӣ дар натиҷаи ҲН», «маъюбӣ дар натиҷаи ҲН ва Б», «маъюби дар натиҷаи СН», «маъюбии гуруҳи I ва ё II дар натиҷаи ҲН», «маъюбии гуруҳи I ва ё II дар натиҷаи ҲН ва Б»:

– нусхаи Шартномаи суғурта (полиси суғуртавӣ);

– нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти шахси суғурташуда;

– рақами мушаххаси андозсупорандаи шахси суғурташуда;

– ариза оид ба гирифтани пардохти суғурта аз рӯи шакли аз тарафи Суғуртакунанда муқарраршуда;

– нусхаи бо тариқи нотариалӣ тасдиқшудаи маълумотномаи маъюбӣ (хулосаи МСЭК);

– нусхаи роҳхат ба МСЭК бо рӯйхати ташхисҳо, ки дар асоси он ба ташхис равон карда шуда буд;

– нусхаи варақа ва ё маълумотнома дар бораи корношоямии муваққатӣ (ҳангоми мавҷуд буданаш);

– нусхаи маълумотномаи СН, дар ҳодисаи маъюбӣ дар натиҷаи СН;

– нусхаи санад дар бораи ҳодисаи нохуш дар истеҳсолот, ҳангоми маъюбӣ дар натиҷаи ҳодисаи нохуш дар истеҳсолот;

– ҳуҷҷате, ки хешу табориро бо Суғурташаванда тасдиқ мекунад, ки он дар Шартномаи суғурта пешбинӣ шудааст, агар дар Шартномаи суғурта маълумоти шиносномавии шахси суғурташуда нишон дода нашуда бошад.

13.8.3. Бо сабаби сар задани ҳодисаҳо оид ба хавфи «зарари ҷисмонӣ»:

– нусхаи Шартномаи суғурта (Полиси суғурта);

– нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти шахси суғурташуда;

– рақами мушаххаси андозсупорандаи шахси суғурташуда;

– ариза оид ба гирифтани пардохти суғурта аз рӯи шакли аз тарафи Суғуртакунанда муқарраршуда;

– нусхаи варақа ва ё маълумотнома дар бораи корношоямии муваққатӣ (ҳангоми мавҷуд буданаш);

– маълумотнома аз бахши шикастабандӣ (агар мавҷуд бошад);

– сурати рентгенӣ (ҳатмӣ, ҳангоми шастани устухон);

– нусхаи маълумотномаи СН, дар ҳодисаи зарари ҷисмонӣ дар натиҷаи СН;

– нусхаи санад дар бораи ҳодисаи нохуш дар истеҳсолот, ҳангоми зарари ҷисмонӣ дар натиҷаи ҳодисаи нохуш дар истеҳсолот;

– иқтибос аз ЛПУ дар бораи вазъи саломатиишахси суғурташуда бо рӯйхати ташхисҳо, ки дар натиҷаи ҳодисаи нохуш муқаррар карда шудааст;

– ҳуҷҷате, ки хешу табориро бо Суғурташаванда тасдиқ мекунад, ки он дар Шартномаи суғурта пешбинӣ шудааст, агар дар Шартномаи суғурта маълумоти шиносномавии шахси суғурташуда нишон дода нашуда бошад;

– ҳуҷҷате, ки ҳуқуқи гирифтани пардохти суғуртавиро тасдиқ мекунад (барои намояндагони қонунии шахси суғурташуда).

13.8.4. Бо сар задани ҳодисаҳо оид ба хавфи «корношоямии муваққатӣ дар натиҷаи ҲН», «корношоямии муваққатӣ дар натиҷаи ҲН ва Б»:

– нусхаи Шартномаи суғурта (полиси суғуртавӣ);

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти шахси суғурташуда;

– рақами мушаххаси андозсупорандаи шахси суғурташуда;

– ариза оид ба гирифтани пардохти суғурта аз рӯи шакли аз тарафи Суғуртакунанда муқарраршуда;

– варақаи корношоямии аз тарафи корфармо тасдиқшуда, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафти ташкилоти тиббӣ ва корфармо ба расмият дароварда шудааст (дигар хуччатҳо тасдиққунандаи корношоямии муваққатии шахси суғурташуда ба ҳисоб намеравад);

– ҳуҷҷате, ки хешу табориро бо Суғурташаванда тасдиқ мекунад, ки он дар Шартномаи суғурта пешбинӣ шудааст, агар дар Шартномаи суғурта маълумоти шиносномавии шахси суғурташуда нишон дода нашуда бошад;

– ҳуҷҷате, ки ҳуқуқи гирифтани пардохти суғуртавиро тасдиқ мекунад (барои намояндагони қонунии шахси суғурташуда).

13.8.5. Бо сар задани ҳодисаҳо оид ба хавфи «бистарикунонӣ дар натиҷаи ҲН», «бистарикунонӣ дарт натиҷаи ҲН ва Б», «амалиёти ҷарроҳӣ дар натиҷаи ҲН», «амалиёти ҷарроҳӣ дар натиҷаи ҲН ва Б»:

– нусхаи Шартномаи суғурта (полиси суғуртавӣ);

– нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти шахси суғурташуда;

– рақами мушаххаси андозсупорандаи шахси суғурташуда;

– ариза оид ба гирифтани пардохти суғуртавӣ аз рӯи шакли аз тарафи Суғуртакунанда муқарраршуда;

– нусхаи варақа ва ё маълумотнома дар бораи корношоямии муваққатӣ бо қайди доштан дар табобати статсионарӣ;

– маълумотнома аз бахши шикастабандӣ (агар мавчуд бошад);

– нусхаи маълумотномаи СН, дар ҳодисаи бистарикунонӣ дар натиҷаи СН;

– нусхаи санад дар бораи ҳодисаи нохуш дар истеҳсолот, ҳангоми бистарикунонӣ дар натиҷаи ҳодисаи нохуш дар истеҳсолот;

– иқтибос аз ЛПУ дар бораи қарор доштани шахси суғурташуда дар табобати статсионарӣ бо рӯйхати ташхисҳо, ки дар натиҷаи ҳодисаи нохуш муқаррар карда шудааст;

– ҳуҷҷате, ки хешу табориро бо Суғурташаванда тасдиқ мекунад, ки он дар Шартномаи суғурта пешбинӣ шудааст, агар дар Шартномаи суғурта маълумоти шиносномавии шахси суғурташуда нишон дода нашуда бошад;

– ҳуҷҷате, ки ҳуқуқи гирифтани пардохти суғуртавиро тасдиқ мекунад (барои намояндагони қонунии шахси суғурташуда).

13.8.6. Бо сар задани ҳодисаҳо оид ба хавфи «ҲН ВА Б»:

– нусхаи Шартномаи суғурта (полиси суғуртавӣ);

– нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти шахси суғурташуда;

– рақами мушаххаси андозсупорандаи шахси суғурташуда;

– ариза оид ба гирифтани пардохти суғурта аз рӯи шакли аз тарафи Суғуртакунанда муқарраршуда;

– ҳуҷҷатҳои табобатии пешгирикунандаи муассисаи клиники ва ё муассисаи табобатии дигар, ки хулосаи касбии мутахассиси соҳаи тибро дар бар мегиранд (кардиолог, духтури асабҳо, нефролог, кардио ҷарроҳ ва ғ.) ва бо ташхиси беморӣ мутобиқат мекунанд.

13.8.7. Дигар маълумот ва ҳуҷҷатҳои тибқи муқаррароти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст.

13.11. Агар дар ҳодиса ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда, имконияти қабули қарорро дар бораи пардохти суғурта надиҳад, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад ҳуҷҷатҳои иловагиро, ки барои қабули қарори охирин лозим аст, талаб намояд, инчунин экспертизаи ҳуҷҷатҳои

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

пешниҳодшударо гузаронида мустақилона сабаб ва шароити бо шахси суғурташуда сар задани ҳодисаҳое, ки аломати ҳодисаи суғуртавиро доранд, муайян намояд.

13.12. Ҳамаи ҳуҷҷатҳои ба Суғуртакунанда барои гирифтани пардохти суғурта пешниҳодшуда, бояд бо забони тоҷикӣ тартиб дода шаванд ва ё тарҷумаи тоҷикии бо тариқи нотариалӣ тасдиқшударо дошта бошанд. Агар хуччатҳои пешниҳодшуда, бо сабаби хусни хатти махсуси духтурон ва ё корманди мақомоти салоҳиятдор хонда нашавад, инчунин дар ҳодиса вайрон шудани якпорчагии он (даридагӣ, ғиҷимшуда, судашуда ва ғайра), Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад, қарорро дар бораи пардохти суғурта то пешниҳоди ҳуҷҷатҳо бо сифати дахлдор мавқуф гузорад.

Дар хамаи маълумотномаҳо ва иқтибосҳо аз муассисаҳои тиббӣ бояд ду мӯҳри (штамп) муассисаҳои тиббиро дошта бошад. Нусхаи ҳуҷҷатҳои тиббии пешниҳодшуда бояд бо тариқи нотариалӣ ва ё аз тарафи ташкилоти тиббии онҳоро пешниҳоднамуда, тасдиқ карда шаванд.

13.13. Дар муҳлати 5 (панч) рӯз аз рӯзи қабули санадҳои дахлдор, ҳолати ба вуқуъ омадаро ҳодисаи суғуртавӣ эътироф намудан пардохти суғуртавиро амали менамояд.

13.13.1. Қарорро дар бораи рад кардани пардохти суғуртавӣ қабул менамояд ва хаттӣ ба Суғурташаванда хабар медиҳад.

13.14. Пардохти суғуртавӣ тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда мешавад.

13.15. Пардохти суғуртавӣ аз рӯи Шартномаи суғурта бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад, ба истисноИ ҳодисаҳое, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

13.16. Ҳангоми суғуртакунонӣ бо эквиваленти асъорӣ, пардохти суғурта бо сомонӣ аз рӯи қурби Бонки миллии Тоҷикистон, ки дар рузи санади суғурта барои ин асъор муқаррар шуда буд, амалӣ карда мешавад.

13.17. Агар дар натиҷаи ҳамон як ҳодисаи нохуш ва ё беморӣ Шартномаи суғурта пардохтро аз рӯи ду ва ё шумораи зиёди ҳодисаҳои дар Қоидаҳо ишорашуда, пешбинӣ намояд, онгоҳ маблағи аз ҳамаи зиёди пардохти суғуртавӣ, бо тарҳи маблағҳои вобаста бо ҳодисаи мазкур пештар пардохт гардида, агар дигар ҳодиса дар Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад, амалӣ карда мешавад.

## 14. ҲОЛАТҲОИ РАД КАРДАНИ ПАРДОХИ СУҒУРТАВИ (ҶУБРОНИ СУҒУРТАВИ)

14.1. Ҳодисаҳои зерин ҳодисаҳои суғуртавӣ ба ҳисоб намеравад ва Суғуртакунанда пардохти суғуртавиро аз рӯи шартномаи суғурта анҷом намедиҳад:

– дар натиҷаи қасдан содир намудани ҷиноят аз тарафи Шахси суғурташуда дар синни 14 солагӣ ва аз он калон ба вуҷуд омада бошад;

– дар натиҷаи амалҳои қасдан содиршуда, ки ба сар задани ҳодисаҳои суғуртавӣ равона карда шудааст, ки он аз тарафи шахси суғурташуда дар синни 14 солагӣ ва аз он калон, Суғурташаванда, Фоидагиранда ва ё шахси дигаре, ки мустақим ва ё ғайримустақим ба гирифтани пардохти суғуртавӣ аз рӯи Шартнома манфиатдор мебошад, амалӣ шуда бошад;

– дар натиҷаи худкушӣ ва ё кушиши худкушӣ намудани Шахси суғурташуда, ба истисноИ ҳолатҳое, ки Шахси суғурташуда бо амалҳои ҷиноятии шахсони сеюм ба худкуши водор карда шуда бошад;

– дар рафти ҷанг, мудохилаи таҷовузкорона, амалиётҳои ҳарбии қӯшунҳои хориҷӣ, задухӯрдҳои ҳарбӣ, ҳодисаҳои дигар ба он монанд ва ё баробар (новобаста аз он ки ҷанг эълон шуда буд), ҷанги шаҳрвандӣ, исён, забти ҳарбӣ ва ё ғайриқонунии давлат оварда мерасонанд, инчунин дигар ҳодисаҳои дилхоҳи ҳамшабеҳ, ки ба нигаҳдорӣ ва истифодаи силоҳ ва лавозимоти ҷангӣ вобастааст;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– дар натиҷаи заҳролудшавии алкаголӣ, дар ҳолати заҳролудшавӣ аз истифодаи маводҳои мухадир, психотропӣ ва ё доруҳо бе таъиноти духтур;

– дар натиҷаи амали дар ҳолати мастии алкоголӣ (дар натиҷаи гилзатии алкоголӣ дар ҳаҷми 0,3 промил ва аз он боло), мастии токсикӣ ё дар зер таъсири маводҳои сахттаъсир ва ё психотропӣ содирнамудаи Шахси суғурташуда, ки бе таъиноти духтур истифода шудааст;

– дар натиҷаи машғул шудани Суғурташуда бо ҳар кадом намудҳои варзиш дар сатҳи касбӣ, аз он ҷумла мусобиқаҳо ва тамринҳо, инчунин машғулшавӣ бо чунин намудҳои варзиш дар асости ҳаваскорӣ;

– варзиш авто, мото, ҳар кадом намуди варзиши аспй, намудҳои ҳавоии варзиш, муҳорибаҳои тан ба тан;

– саворагардии экстремалӣ ба роликҳо (фристайл, даунхилл, саворагардии агресевӣ), дар скейтбордҳо (саворшавӣ аз рӯи усули стрит, верт, лонгборд, парк ва г.), дар велосипед (саворагардӣ дар велосипеди кӯҳӣ, BMX, велотриал, дертджампинг, стрит ва ғ.);

– саворагардӣ дар сноуборд ва лижаҳои кухӣ, дар шоҳроҳҳои омоданабуда, иҷрои трюкҳо, ҷаҳиш аз трамплин;

– тирпаронӣ, шикори касбӣ ба ҳайвони бузург, ба ҳайвонҳои экзотикӣ;

– ҷаҳидан ба об, дайвинги мағоравӣ ва зери ях;

– кӯҳнавард;

– мадонкобӣ (кладоискательство), иштирок дар амалиётҳои ҷустуҷуй дар ҷойҳои гузариши амалиётҳои ҷангӣ;

– сайёҳии обӣ, сайёҳии экзотикӣ;

– ҳар кадом намудҳои варзиши экстримали: бейс-джампинг (BASE), драг-рейсинг, фри-фолл ва ғ.;

– дар рафти иштирок дар парвози дилхоҳи ҳавопаймоӣ, ба истиснои парвоз ба сифати мусофири хатсайр, ки барои интиқоли мусофирон иҷозат дорад ва бо воситаи сарнишин, ки сертификати дахлдор дорад, идора карда мешавад, инчунин иштироки бевосита дар машқҳои ҳарбӣ, тамринҳо. Санҷиши техникаи ҳарбӣ ва ё дигар амалиётҳои ҳамшабеҳ ба сифати хизматчии ҳарбӣ ва ё шаҳрвандӣ;

– дар натиҷаи таъсири таркиши ядроӣ, радиатсия, заҳролудшавии радиоактивӣ дар натиҷаи истифодаи энергияи ядроӣ;

– ҳангоми идора намудани воситаи нақлиёт аз тарафи шахси суғурташуда бе ҳуқуқи идоракунӣ ва ё дар ҳолати масти, алкоголӣ ва нашъамандӣ ва ё ҳангоми аз тарафи шахси суғурташуда, додани идоракунии воситаи нақлиёт ба шахсе, ки ҳуқуқи идора намудани воситаи нақлиётро надорад ва дар ҳолати мастии алкаголӣ ва нашъамандӣ қарор дорад;

– бо сабаби ба бемориҳои сироятшавандаи ҷинсӣ, дар натиҷаи ВНМО/БПНМ, инчунин бемориҳои ба БПНМ вобастабуда;

– натиҷаи сабабҳои мустақиман ва ё ғайримустақим ба бемории рӯҳӣ, фалаҷ, хуруҷи саръи Шахси суғурташуда, агар онҳо натиҷаи ҳодисаи нохуш ба ҳисоб нараванд;

– дар натиҷаи беморие, ки Шахси суғурташуда то оғози суғуртакунӣ инкишоф ва ташхис карда шудааст, бо истиснои ҳолатҳое, ки Суғуртакунанда дар бораи бемории Шахси суғурташуда то бастани Шартномаи суғурта ва ё Шатномаи иловагӣ ба Шартномаи суғурта огоҳ карда шуда буд;

– ҳангоми будубоши Шахси суғурташуда дар ҷойҳои аз озодӣ маҳрумшуда;

– дар натиҷаи ҳомиладорӣ, таваллуд ва/ё оризии инҳо.

– қобили меҳнат набудан, бистарикунии Суғурташуда ва ё ҷарроҳии паси сар намудаи бо чунин ҳолатҳо алоқаманд бошад:

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– бемориe, ки дар Суғурташуда дар санаи ибтидои муҳлати суғурта ташхис гардида бошад;

– исқоти ҳамл, табобати дандонҳо (имплантатсияи онҳо, кандан ва барқароркунии онҳо ва г);

– дахолати пластикии ҷарроҳӣ, ба истиснои ҳолатҳое, ки ин барои табобат зарурат дошта бошад (бартараф намудани оқибатҳо), ҷароҳати ҷисмонӣ, ки дар алоқамандӣ бо ҳодисаи нохуш гирифта шудаанд ва дар ҷараёни муҳлати суғурта ба вуҷуд омадаанд;

– гузаронидани ташхис бо усулҳои биопсия, эндоскопия, лапроскопия ва артроскопия;

– ба таври расмӣ эътироф гардидани ҳолати эпидемия ва ё офати табий;

– зарурати нигоҳубини кӯдак ва ё аъзоёни оила;

– табобати токсиноинфексияи хӯрока (ба истиснои ҳолатҳое, ки ба бистарикунии Суғурташуда оварда расонидаанд.

Амалиёти ҷарроҳии паси сар намудаи Суғурташуда бо чунин ҳолатҳо алоқаманд бошад:

– бартараф намудани тағийрёбии девораи бинӣ, иқтоъи суфраи бинӣ, гузаронидани амалиёти ҷарроҳӣ дар устухонҳои болоӣ ва поёни ҷоғ (аз он ҷумла бо буғумҳои чаккаву ҷоғ алоқадошта), амалиётҳои ҷарроҳии ортогнатикӣ, дуруст кардани ҷоғ, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки амалиётҳои ҷарроҳии дар боло зикршуда бо заррурати табобат (бартараф намудани оқибатҳо) шартгузорӣ шуда бошанд, ки онҳо вобаста бо ҳодисаҳои нохуш, ки дар муҳлати суғурта ба вуҷуд омадаанд;

– вобаста бо бемориҳои саратонӣ;

– табобат (бартараф намудани оқибатҳо) ҷароҳатҳои ҷисмонӣ, ки дар натиҷаи ҷанг ва ё ҳолатҳои ҷангӣ, хуҷумкунӣ, амалиётҳои хусуматӣ аз ҷониби давлати хориҷа (новобаста аз он ки ҷанг эълон гардидааст ё не), ҷанги шаҳрвандӣ, шӯриш, исён, инқилоб баробаркардашуда.

– амалҳои барқасдонаи шахси Суғурташуда (Фоидагиранда), ки барои гирифтани пардохти суғуртавӣ амалӣ карда шудааст.

– ҳангоми бардоштани маъюбии гуруҳи I, II ва III ва ё марги шахси Суғурташуда дар ҳолатҳои масти аз нушокиҳои спиртӣ ва нашамандӣ.

– ҳангоми содир намудани ҷиноят, дуздӣ, амалҳои терористӣ ва экстримистии шахси Суғурташуда.

– ҳангоми бо қарори суд бедарак ғоибшуда эълон намудани шахси Суғурташуда.

– пеш аз бастани Шартномаи суғурта агар Суғурташаванда бо бемориҳои шадид ва ё музминӣ ва оризаҳои он (ҳам пештар ташхисшуда ва ҳам бори аввал пайдошуда), ки бо омилҳои беруна барангехта шудаанд, аз ҷумла инфаркти миокарда, сактаи майна, аневризм, варамҳо, ноқисии функсионалии организм, аномалияи модарзодии организм, дучор шуда бошад.

– фавт, ҷароҳат ё заҳролудшавӣ дар натиҷаи барқасдона расонидани осеб ба ҳаёт ва саломатии худ.

– бардоштани маъюбии гуруҳи I, II ва III ва ё фавти шахси Суғурташуда дар натиҷаи иштирок дар амалиётҳои ҳарбӣ, бетартибиҳо, митингҳо ва намоишҳои эътирозии ғайриқонунӣ.

– инчунин ҳар кадом амалҳои шахси Суғурташуда, ки боиси рух додани ҳодисаи суғуртавӣ гардидааст ва ин амал аз тарафи мақомоти тафтишотӣ ё суд амали ғайриқонунӣ этироф карда шудааст.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

14.4. Илова ба ҳодисаи суғуртавӣ шикасти патологӣ, экзостоз ва ё бемориҳои онкологӣ, ки дар Шахси суғурташуда то саршавии муҳлати суғуртавӣ ташхис шудааст, дохил намешавад.

14.5. Тибқи Шартномаи суғурта ҳолатҳое, ки дар боби мазкур ҳамчун ҳолатҳои рад аз пардохти суғуртавӣ нишон дода шудааст, метавонанд ҳамчун ҳодисаи суғуртавӣ эътироф карда шаванд.

## 15. СУҒУРТАИ ДУКАРАТА

15.1. Суғурташаванда (Фоидагиранда) уҳдадор аст тариқи хаттӣ/электронӣ дар бораи тамоми шартномаҳои суғурта, ки нисбати объекти суғурташуда аз рӯйи айнан ҳамин хавфҳо бо дигар ташкилотҳои суғуртавӣ бастааст, хабар расонад. Ҳамзамон Суғурташаванда (Фоидагиранда) вазифадор аст номгӯи дигар ташкилотҳои суғуртавӣ, объектҳои суғурта ва ҳаҷми маблағҳои суғуртавиро дарҷ намояд.

15.2. Агар дар лаҳзаи фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ нисбати объекти суғурташуда дигар шартномаҳои суғурта аз рӯйи хавфҳои ҳаммонанд амал намоянд, он гоҳ Суғурткунанда ҷуброни зарарро дар ҳаҷми мутаносиб ба нисбати маблағи суғуртавӣ аз рӯйи шартномае, ки Суғурткунанда бастааст, ба маблағи умумӣ аз рӯйи ҳамаи шартномаҳои суғуртаи объекти мазкур, ки Суғурташаванда бастааст, пардохт менамояд.

15.3. Агар бастани якчанд Шартномаҳои суғурта нисбати объекти суғурткардаи Суғурткунанда аз рӯйи хавфҳои ҳаммонанд ба маблағе, ки арзиши суғуртавии он (тибқи шартномаи суғурта) барзиёд мебошад, натиҷаи амали барқасдонаи Суғурташаванда бошад, Суғурткунанда ҳуқуқ дорад беэътибор донистани шартнома ва баргардонидани ҷуброни зарари бо ин амал ба ӯ расонидашударо тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намояд.

## 16. МАЪЛУМОТИ ШАХСӢ

17.1. Суғурташаванда, ки бо Суғурткунанда шартномаи суғуртаро аз рӯйи шартҳои Қоида ба имзо расонидааст, розигии худро барои коркарди маълумотҳои шахсии дар поён номбаршуда барои амалӣ намудани суғурта аз рӯйи шартномаи суғурта, аз он ҷумла бо мақсади тафтиши сифати пешниҳоди хизматрасонии суғуртавӣ ва танзими даъвоҳо аз рӯйи шартномаи суғурта, назорати шартномаи суғурта, инчунин бо мақсади хабардоркунии Суғурташаванда оиди дигар маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои Суғурткунанда медиҳад.

17.2. Маълумотҳои шахсӣ аз инҳо иборат аст: насаб, ном, номи падар, сол, моҳ, сана ва макони таваллуд, маълумоти шиноснома, суроғаи зист, дигар маълумотҳо, ки дар шартномаи суғуртаи бо Суғурташаванда баимзорасида, ки ба маълумотҳои шахсӣ мансуб буда метавонанд.

17.3. Суғурташаванда ба Суғурткунанда ҳуқуқи амалӣ намудани тамоми амалҳо (амалиётҳо) бо маълумотҳои шахсӣ, аз он ҷумла ҷамъ намудан, банизомдарорӣ, ҳифз намудан, аниқнамоӣ (аз нав намудан, тағйир додан), истифода бурдан, маҳкам кардан, нобуд намуданро медиҳад. Суғурткунанда ҳуқуқ дорад махълумоти шахсиро ба воситаи ворид намудани онҳо ба маҳзанҳои электронии маълумотҳои Суғурткунанда коркард намояд.

17.4. Суғурткунанда ҳуқуқ дорад баҳри иҷроиши уҳдадориҳои худ аз рӯйи шартномаи суғурта маълумотҳои шахсии Суғурташавандаро ба шахсони сеюм интиқол диҳад, ба шарте, ки Суғурткунанада бо шахсони сеюми ишорашуда созишномае, ки бехатарии маълумотҳои шахсиро ҳангоми коркард ва пешгирии ифшо гардидани маълумотҳои шахсиро таъмин менамояд, дошта бошад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

17.5. Бо тасдиқ намудани гирифтани Қоида ва розӣ шудани Суғурташаванда барои коркарди маълумотҳои шахсӣ аз ҷониби Суғуртакунанда ӯ розигии худро барои коркарди маълумотҳои шахсии Суғурташаванда аз лаҳзаи ба имзо расидани шартномаи суғурта медиҳад. Розигии Суғурташаванда барои коркарди маъумотҳои шахсии ӯ аз ҷониби Суғурташаванда дар доираи муҳлати муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

17.6. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад розигии худро ба воситаи тартиб додани ҳуҷҷати хаттии дахлдор бозхост намояд, ки он бояд ба унвони Суғуртакунанда бо ирсоли дархост бо огоҳиномаи дастрас намудан ва ё шахсан бо гирифтани забонхати намояндаи ваколатдори Суғуртакунанда супорида шавад. Ҳангоми аз Суғурташаванда расидани аризаи хаттӣ оиди бозхост намудани маълумотҳои шахсӣ Суғуртакунанда аризаи ишорашударо ҳамчун огоҳинома оиди бозхост намудани иҷозати коркарди маълумоти шахсӣ дида мебарояд ва иҷозат аз санаи расидани аризаи ишорашудаи Суғурташаванда бозхостшуда ба ҳисоб меравад. Баъди ба итмом расидани муҳлати шартномаи суғурта (аз он ҷумла ҳангоми бекор намудани он) Суғуртакунанда уҳдадор мешавад коркарди маълумоти шахсиро қатъ намояд ва маълумоти шахсии Суғурташавандаро бо расидани муҳлати даъво нобуд созад.

17.7. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад ба Суғуртакунанда барои истифодаи маълумотҳои дар боло зикрёфта ҳуқуқи истифода надиҳад. Дар ин ҳолат аз ҷониби Суғурташаванда дар шартҳои махсус қайди «Ҳуқуқи истифодаи маълумотҳои шахсӣ дар доираи шартномаи мазкур пешниҳод нагардидааст» мегузорад ва ё дигар муқарраротро, ки тибқи он Суғурташаванда пешниҳоди ҳуқуқи ишорашударо рад менамояд, истифода мебарад.

17.8. Суғурташаванда инчунин ҳуқуқ дорад дар ҳар. вакт розигиро оиди коркарди маълумотҳои шахсӣ маҳдуд ва ё бозхост намояд.

17.9. Ҳангоми норозигии Суғурташаванда барои пешниҳоди маълумотҳои шахсии дар боло зикргардида, Суғуртакунанда ҳангоми ба миён омадани зарурати коркарди маълумоти шахсӣ аз Суғурташаванда розигии ӯро дархост менамояд.

17.10. Суғуртакунанда инчунин тасдиқ менамояд, ки набудани розиги Суғурташаванда барои коркарди маълумоти шахсӣ аз ҷониби Суғуртакунанда бо ҳеҷ ваҷҳ ба ҳуқуқи Суғурташаванда ва ё уҳдадории Суғуртакунанда аз рӯйи шартномаи суғуртаи баимзорасида таъсир намерасонад.

Шартҳои дар қисми мазкури Қоида ишорагардида инчунин ба шахси Суғурташуда ва Фоидагиранда дар ҳолати розигӣ додан/надодани онҳо барои ҳуқуқи истифодаи маълумоти шахсии онҳо аз ҷониби Суғуртакунанда дахл доранд.

## 17. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

17.1. Баҳсҳое, ки аз шартномаи суғурта ба миён меоянд, бо роҳи гуфтушунид ҳал карда мешаванд.

17.2. Дар сурати ба мувофиқа наомадани тарафҳо баҳс бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба суд пешниҳод карда мешавад.

17.3. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо аз рӯйи шартномаи суғурта, ки дар асоси Қоида баста шудааст, бо қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Замимаи №1
ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии аз ҳолатҳои нохуш ва беморӣ

«Тасдиқ шудааст»
Бо Фармони Директори генералии ҶДММ
ТСА «Спитамен Иншуренс»
_____________ Раҳмонов Б.Р.
аз «08» ноябри соли 2025, № 161/25

# УСЛУБИ БАҲИСОБГИРИИ МЕЪЁРҲОИ ТАРИФҲОИ СУҒУРТАВӢ

ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии аз ҳолатҳои нохуш ва беморӣ

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 1. УСЛУБИ БАҲИСОБГИРӢ

Баҳисобгирӣ (асоноккунии иқтисодии) тарифҳои суғуртавӣ дар асоси муқаррароти Талабот нисбат ба услуби баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ (минбаъд – Талабот), ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №74 аз «21» июни соли 2022 тасдиқ шудааст, омода карда шудааст.

Услуб барои ҳисоб кардани меъёрҳои тарифи суғуртавӣ барои намудҳои хавфноки суғурта мувофиқ буда, дар ҳолатҳои зерин татбиқ карда мешавад:

Омор ё маълумоти дигар оид ба намуди суғурта мавҷуд аст, ки имконият медиҳад қиматҳои зеринро ҳисоб кунем:

- q – эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ аз рӯи як шартномаи суғурта;

$$q = \frac{M}{N} \quad (1.1.1)$$

- S – маблағи миёнаи суғуртавӣ аз рӯи як шартномаи суғурта.

$$S = \frac{\sum_{i=1}^{N} S_i}{N} \quad (1.1.2)$$

- Sb – пардохти миёнаи суғуртавӣ аз рӯи як шартномаи суғурта ҳангоми фаро расидани ҳодисаи суғуртавӣ.

$$S_b = \frac{\sum_{k=1}^{M} S_{bk}}{M} \quad (1.1.3)$$

Дар ин ҷо: N – миқдори умумии шартномаҳои суғуртаи басшуда барои баъзе давраҳои гузашта;

M – миқдори ҳодисаҳои суғуртавӣ дар N шартномаҳо;

$S_i$ – маблағи суғуртавӣ дар вақти бастани i шартнома

i = 1, 2, ..., N.

$S_{bk}$ – пардохти суғуртавӣ дар k ҳодисаи суғуртавӣ;

k = 1, 2, ..., M.

тахмин карда мешавад, ки ягон ҳодиса харобиовар намешавад, агар як ҳодиса боиси якчанд ҳодисаҳои суғуртавӣ шавад.

Баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ дар асоси шумораи пешакӣ муайяншудаи шартномаҳо (n) ҳисоб карда мешаванд, ки бояд бо Суғурташавандагон баста шаванд.

Меъёрҳои тарифҳои суғуртавӣ аз рӯи ҳаҷми тахминии амалиёти суғуртавӣ (маблағи миёнаи суғуртавӣ дар як шартнома, пардохти миёнаи суғуртавӣ, шумораи тахминии шартномаҳо ва эҳтимолияти рӯй додани ҳодисаи суғуртавӣ) ҳисоб карда шуданд.

**Меъёри холис $T_х$** аз ду қисм – қисми асосӣ Тх.ас. $T_а$ ва таваккалӣ сарборӣ Тх.тав. $T_с$.

$$T_х = T_а + T_с \quad (1.1.4)$$

- **Қисми асосӣ меъёри холис (Тх.ас.) $T_а$** – ба пардохтҳои миёнаи суғуртавии Суғуртакунанда, ки аз эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавии q, маблағи миёнаи суғуртавии S ва

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

пардохти миёнаи суғуртавии Sv вобаста аст, мувофиқат мекунад. Қисми асосии меъёри холис аз маблағи суғуртавӣ аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$T_a = 100 * \frac{S_b}{S} * q \qquad 1.1.5$$

- **Сарбории эҳтимолӣ Тн.тав. $T_c$** – бо мақсади ба назар гирифтани зиёд будани эҳтимолии шумораи ҳодисаҳои суғуртавӣ нисбат ба арзиши миёнаи онҳо ҷорӣ карда мешавад. Ғайр аз q, S ва $S_b$, сарбории эҳтимолӣ инчунин аз параметрҳои зерин вобаста аст: n – шумораи шартномаҳои марбут ба давраи суғурта, ки барои онҳо суғурта анҷом дода мешавад, паҳншавии миёнаи пардохти суғуртавӣ $R_b$ ва кафолати γ – эҳтимолияти зарурӣ, ки мукофотҳои суғуртавии ҷамъшуда бояд барои пардохти суғуртавии ҳодисаҳои суғуртавӣ кифоя бошанд.

  Агар ташкилоти суғуртавӣ маълумот дар бораи арзиши $R_b$ надошта бошад, метавонанд, ки сарбории эҳтимолиро бо формулаи зерин ҳисоб кунанд:

$$T_c = 1{,}2 * T_a * \alpha(\gamma)\sqrt{\frac{1-q}{x * q}} \qquad 1.1.6$$

Дар ин ҷо: q – эҳтимолияти ба амал омадани ҳодисаи суғуртавӣ;

n – шумораи пешбинишудаи шартномаҳои суғурта.

- **Меъёри умумӣ $T_\Delta$** – бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$T_\Delta = \frac{Tx * 100}{100 - f} \qquad 1.1.7$$

Дар ин ҷо: $T_x$ – меъёри холис;

f (%) – ҳиссаи сарборӣ аз меъёри умумии тарифи суғуртавӣ.

Меъёрҳои тарифҳои суғуртавӣ барои шартномаҳои суғурта ба мухлати як сол ҳисоб карда мешаванд.

Сохтори меъёри тарифҳои суғуртавӣ:

- 25,7% – меъёри холис;
- 51,6% – хароҷотҳо барои пешбурди кор;
- 4,1% – андоз аз даромад;
- 18,6% – фоида.

Баҳисобгирии сарбории эҳтимолӣ. Ташкилоти суғуртавӣ, бо эҳтимолияти g = 0,95, интизор аст, ки пардохти суғуртавии имконпазир аз мукофотҳои суғуртавии ҷамъшуда зиёд набошад, пас аз Ҷадвали 1 a (g) = 1,645.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

**Ҷадвали 1**

| g | 0,84 | 0,90 | 0,950 | 0,98 | 0,9986 |
|---|---|---|---|---|---|
| a (g) | 1,00 | 1,30 | 1,645 | 2,00 | 3,0000 |

- **g** – кафолати эҳтимолияти зарурӣ, ки бо он мукофотҳои суғуртавии ҷамъшуда бояд барои пардохти суғуртавии ҳодисаҳои суғуртавӣ кофӣ бошанд;
- **a (g)** – коэффисиенте, ки ба кафолати бехатарии гамма вобаста аст. Қимати онро аз Ҷадвал гирифтан мумкин аст.

## 2. ҲИСОБКУНИИ МЕЪЁРҲОИ ТАРИФИИ ЗАМИНАВӢ

Ҳисоб кардани меъёрҳои тарифии заминавӣ дар асоси Қоидаи суғуртаи ихтиёрии аз ҳолатҳои нохуш ва беморӣ, ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс» (минбаъд «Қоида ё Қоидаи суғурта») амалӣ карда шудааст.

**Интихоби замина ба натиҷаҳои таҳлили ҳамаҷониба асос меёбад:**

- омори худӣ (ҳаҷми он нокифоя аст);
- омори бозор;
- баҳодиҳии коршиносии (экспертии) мутахассисони ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс».

Маълумоти Маълумоти ибтидоӣ барои ҳисоб кардани тарифҳои суғуртавӣ ва барои муайян кардани эҳтимолияти рух додани ҳодисаҳои суғуртавӣ, пардохтҳои миёнаи суғуртавӣ ва маблағи миёнаи суғуртавӣ дар асоси маълумоте, ки дар давоми фаъолияти Суғуртакунанда ва дигар ташкилотҳои суғуртавӣ, аз ҷумла ташкилотҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ИДМ фаъолият мекунанд, дар давоми панҷ соли охир ҷамъоварӣ шудаанд ва аз баҳодиҳии коршиносии Суғуртакунанда асос ёфтааст.

Нишондиҳандаҳои ба нақша гирифташудаи шумораи шартномаҳо (n) дар асоси шумораи пешбинишудаи (ба нақша гирифташудаи) шартномаҳои суғурта барои соли оянда муайян карда мешаванд.

Бо истифода аз натиҷаҳое, ки дар натиҷаи коркарди омор ба даст оварда шудаанд, инчунин пас аз баҳодиҳии мутавозуни ҳар як ҷузъи хавф дар хавфи умумии ҳодисаи суғуртавӣ нишондиҳандаҳои зарурӣ барои ҳисоб кардани тарифҳои суғуртавӣ арзёбӣ карда шуданд.

Меъёрҳои тарифии заминавӣ бо тахминкунии тақсимоти якхелаи ҳодисаҳои суғуртавӣ ва тақсимоти муқаррарии ҳаҷми умумии пардохтҳои суғуртавӣ ҳисоб карда мешаванд.

Бо мақсади таъмини рақобатпазирии маҳсулоти суғуртавӣ ва мутобиқсозии он ба вазъи воқеии бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳои тарифии ҳисобшуда тасҳеҳ карда шуданд. Дар оянда, бо ташаккули заминаи омории худии Суғуртакунанда ва зиёд шудани ҳаҷми портфели суғуртавӣ, тарифҳои мазкур мавриди бозбинӣ ва дақиқсозӣ қарор дода мешаванд.

Суғуртакунанда ҳангоми бастани шартномаи мушаххаси суғурта ҳуқуқ дорад ба меъёри ибтидоии тарифҳои суғуртавӣ вобаста ба омилҳои ба дараҷаи хавфи суғуртавӣ ва шартҳои суғурта таъсиркунанда коэффисиентҳои афзоянда ва камшавандаро татбиқ намояд:

| ОМИЛИ ХАВФ ВА ШАРТҲОИ СУҒУРТА | КОЭФФИСИЕНТҲОИ ТАСҲЕҲӢ | |
|---|---|---|
| | на кам | на зиёда |
| Меъёри тарифи суғуртавӣ барои шартномаи мушаххаси суғурта ҳамчун натиҷаи тарифи ибтидоии суғуртавӣ ва коэффисиентҳои тасҳеҳӣ ҳисоб карда мешавад. | 0,01 | 10 |

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## Замимаи № 1 ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии аз ҳолатҳои нохуш ва беморӣ

Баҳисобгирӣ ва асоснокуни иқтисодии тарифҳои суғуртавӣ барои суғуртаи ихтиёрӣ аз ҳолатҳои нохуш ва беморӣ

| Нишондиҳанда | Аломат [формула] | ҲОДИСАИ НОХУШ ВА БЕМОРӢ | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Муваққатан аз даст додани қобилияти меҳнатӣ | Доиман аз даст додани қобилияти меҳнатӣ (маъюбии гурӯҳи I, II ё III) | Марги шахси Суғурташуда |
| Баҳодиҳии эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ | q | 0,141 | 0,024 | 0,118 |
| Пардохти миёнаи суғуртавӣ аз рӯйи як шартномаи суғурта | $S_b$ | 4 507 | 4 507 | 2 253 |
| Маблағи миёнаи суғуртавӣ аз рӯйи як шартномаи суғурта | S | 802 811 | 802 811 | 802 811 |
| Шумораи ба нақша гирифташудаи объектҳои суғуртамешуда | n | 61 | 61 | 61 |
| Баҳодиҳии қисми асосии меъёри холис | $T_o = 100 * \frac{S_b}{S} * q$ | 0,079 | 0,013 | 0,033 |
| Дараҷаи бехатарӣ | y | 0,95 | 0,95 | 0,95 |
| Коэффисиенти бехатарӣ (миқдори яктарафаи тақсимоти муқаррарии стандартӣ аз сатҳи интихобшудаи бехатарӣ) | a(y) | 1,645 | 1,645 | 1,645 |
| Баҳодиҳии сарбории эҳтимолӣ | $T_p = 1{,}2 * T_o * \alpha(\gamma)\sqrt{\frac{1-q}{n*q}}$ | 0,049 | 0,022 | 0,023 |
| Баҳодидиҳии меъёри холис | $T_n = T_o + T_p$ | 0,129 | 0,035 | 0,056 |
| Сарборӣ | f | **74,3** | **74,3** | **74,3** |
| **Баҳодиҳии меъёри умумӣ** | $T_\Delta = \frac{T_n * 100}{100 - f}$ | **0,50** | **0,14** | **0,22** |

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Замимаи №2
ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии
аз ҳолатҳои нохуш ва беморӣ

**НАМУНА**

*Эзоҳ: Ҳуҷҷати мазкур ҳамчун намуна ба ҳисоб меравад. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад дар шакл ва матни намуна тағйирот ва иловаҳо, ки ба Қоидаи суғурта ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад, ворид*

SPITAMEN insurance

# ШАРТНОМАИ
# СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ АЗ ҲОЛАТҲОИ НОХУШ ВА БЕМОРӢ
# №____________

**ш. Душанбе** **«__» _____ соли 20_____**

Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии « Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии «Спитамен Иншуренс», ки дар асоси Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон барои амалӣ намудани фаъолияти суғуртавӣ ФС №_____________ аз санаи «___» ____________ соли 20__ фаъолият мебарад, минбаъд «Суғуртакунанда» номида мешавад, дар шахсияти Директори генералӣ ___________________, ки дар асоси Оинномa амал мекунад, аз як Тараф ва аз тарафи дигар _________________________ минбаъд «Суғурташаванда» номида мешавад, дар шахсияти _________________________, ки дар асоси Оинномa амал менамояд, дар якҷоягӣ минбаъд «Тарафҳо» номида мешаванд, Шартномаи суғуртаи ихтиёрии аз ҳолатҳои нохуш ва бемории мазкурро (минбаъд – Шартномаи суғурта ё Шартнома), дар мазмуни зер бастанд:

## 1. МАВЗӮИ ШАРТНОМА

1.1. Суғуртакунанда дар асоси муроҷиати Суғурташаванда, кормандони Суғурташавандаро (Суғурташудагон) дар асоси Қоидаи суғуртаи ихтиёрии аз ҳолатҳои нохуш ва беморӣ (минбаъд дар матн – Қоидаи суғурта ё Қоида) таҳти суғурта қарор медиҳад.

1.2. Суғуртакунанда уҳдадор мешавад, ки ба ивази пардохти мукофоти суғуртавӣ, ки аз ҷониби Суғурташаванда пардохт гардидааст, пардохти суғуртавии дар Шартнома пешбинишударо ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, амалӣ намояд.

1.3. Шумораи умумии суғурташудагон ____ нафарро ташкил медиҳад.

1.4. Шахсоне, ки дар банди 10.14. – и Қоидаи суғурта номбар карда шудаанд, суғурта карда намешаванд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 2. ҲОДИСАИ СУҒУРТАВӢ, МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ ВА МУКОФОТИ СУҒУРТАВӢ

2.1. Чунин ходисаҳо дар доираи Шартномаи суғурта метавонанд ҳодисаи суғуртавӣ эътироф карда шаванд:

2.1.1. Марги шахси суғурташуда, дар натиҷаи ҳодисаи нохуш;

2.1.2. Доиман гум кардани қобилияти меҳнатии шахси суғурташуда дар натиҷаи ҳодисаи нохуш;

2.1.3. Зарари ҷисмонии шахси суғурташуда дар натиҷаи ҳодисаи нохуш.

2.2. Маблағи суғуртавӣ барои ҳар як суғурташуда _____ (__________) сомонӣ ____ дирам ва маблағи умумии суғуртавӣ _____ (__________) сомонӣ ____ дирамро ташкил медиҳад.

2.3. Мукофоти суғуртавӣ тибқи Шартномаи мазкур _____ (__________) сомонӣ ____ дирамро такшил медиҳад.

2.4. Мукофоти суғуртавӣ пурра ба таври ғайринақдӣ ба суратҳисоби Суғуртакунанда дар муддати 5 (панҷ) рӯзи корӣ пардохт карда мешавад. Дар ҳолате, ки ҳаққи суғуртавӣ ба суратҳисоби Суғуртакунанда ба тавре, ки дар банди зерини Шартнома пешбинӣ гардидааст ворид нагардад, он гоҳ ухдадории Суғуртакунанда барои пардохти суғуртавӣ ба миён намеояд.

2.5. Тарифи суғуртавӣ тибқи Шартномаи мазкур ___% аз андозаи маблағи суғуртавиро ташкил медиҳад.

## 3. ҲУҚУҚУ УХДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

3.1. Ҳуқуқу ухдадориҳои тарафҳо дар боби 11 – и Қоидаи суғурта пешбинӣ шудаанд.

## 4. ТАРТИБИ АМАЛӢ КАРДАНИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ

4.1. Пардохти суғуртавӣ ба шахси Суғурташуда ва ё Фоидагиранда мутобиқи муқаррароти Қоидаи суғурта амалӣ карда мешавад.

4.2. Аз ҷониби Суғурташуда (Фоидагиранда) барои гирифтани пардохти суғуртавӣ ба Суғуртакунанда вобаста ба ҳолати руходода ҳуҷҷатҳое, ки дар банди 13.8. – и Қоидаи суғурта оварда шудаанд, пешниҳод карда мешавад.

## 5. МУҲЛАТИ АМАЛИ ШАРТНОМА

5.1. Шартнома ба муҳлати аз «___» _____ соли 20___ то «__» _____ соли 20__ баста мешавад.

## 6. ҲОЛАТҲОИ РАД КАРДАНИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ

6.1. Ҳодиса ба сифати ҳодисаи суғуртавӣ эътироф карда намешавад, агар он зери таъсири боби 14 – и Қоидаи суғурта қарор гирифта бошад.

## 7. ҲОДИСАҲОИ ҒАЙРИЧАШМДОШТ

7.1. Ҳангоми ба миён омадани ҳолатҳои рафънопазир (форс – мажор) Тарафҳо ҳуқуқ доранд иҷроиши ухдадориро боздоранд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

7.2. Тарафе, ки ба ҳодисаҳои ғайричашмдошт истинод меорад, уҳдадор аст ки ба таври хаттӣ тарафи дигарро оид ба рух додани ҳолатҳои рафънопазир на дертар аз 3 (Се) рӯзи корӣ аз лаҳзаи ба миён омадани онҳо хабардор намояд ва ҳуҷҷатҳоро ба мақомоти босалоҳият, ки рух додани ҳолатҳои дар болозикршударо тасдиқ менамоянд, пешниҳод кунанд.

## 8. ҶАВОБГАРӢ

8.1. Барои иҷро накардани уҳдадориҳои дар шартнома пешбинигардида тарафҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

## 9. ТАРТИБИ БАРРАСИИ БАҲСҲО

9.1. Баҳсҳое, ки аз рӯи Шартнома ба миён меоянд, бо роҳи гуфтушунид, ҳангоми зарурат бо ҷалб намудани комиссияи экспертии махсус дар ҳайати намояндагони Суғуртакунанда ва Суғурташаванда баррасӣ карда мешаванд. Ҳангоми ғайриимкон будани бадастории созиш, баҳс барои баррасии суд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода мешавад.

9.2. Ягон муқаррароти Шартномаи мазкур наметавонад ҳамчун даст кашидан, гузашт кардан ё тағйир додани масъуният, бартарият ё имтиёзҳое, ки ба Суғурташаванда дар доираи Созишномаҳои байналхалқӣ ва қонунгузории дигари татбиқшаванда пешбинӣ шудаанд, шарҳ дода шавад.

## 10. МАЪЛУМОТҲОИ ШАХСӢ

10.1. Суғуртакунанда бо супориши Суғурташаванда фаъолияти мутобиқи Шартнома пешбинишударо бо риояи ҷиддии қонунгузории ҶТ оид ба сирри суғурта ва оид ба маълумотҳои шахсӣ, амалӣ мегардонад. Махсусан, Суғуртакунанда ҳуқуқ надорад, ки маълумоти дар натиҷаи фаъолияти худ дар доираи Шартнома оид ба Суғурташаванда, Суғурташуда ва Фоидагиранда оиди ҳолати саломатии онҳо гирифтааш ифшо намояд. Илова бар он Суғуртакунанда уҳдадор аст бехатарии маълумотҳои шахсии шахсони Суғурташуда, ки ҳангоми коркарди онҳо ва пешгирии ифшо шудани онҳоро таъмин намояд.

10.2. Ҳадафи коркарди маълумотҳои шахсии суғурташудагон аз рӯи Шартнома ин иҷрои шартҳои Шартнома мебошад.

10.3. Муҳлати коркарди маълумотҳои шахсии суғурташудагон бо муҳлати иҷрои уҳдадорӣ аз рӯи Шартнома мувофиқанд.

10.4. Нигоҳдошти маълумотҳои шахсии дар болозикршудаи шахсони Суғурташуда то ба даст омадани ҳадафи коркард, амалӣ карда мешавад.

## 11. ШАРТҲОИ МАХУС

11.1. Ҳар кадом тағйироти ба Шартнома воридшуда танҳо дар он ҳолат қувваи ҳуқуқӣ мегиранд, ки агар онҳо ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат накунанд, бо созиши Тарафҳо қабул гардидаанд, дар шакли хаттӣ тартиб

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ ...
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

дода шудаанд ва бо имзову муҳри Суғуртакунанда ва имзову муҳри Суғурташаванда тасдиқ карда шудаанд.

11.2. Шартномаи мазкур дар 2 (Ду) нусха, ки ҳар ду дорои қувваи баробари ҳуқуқӣ мебошанд. Шартнома аз ҷониби ашхоси ваколатдори он имзо гардида, бо муҳри тарафҳо тасдиқ карда шудааст.

## 12. ЗАМИМАҲО БА ШАРТНОМА

12.1. Бо имзо намудани Шартномаи мазкур Суғурташаванда тасдиқ менамояд, ки нусхаи Шартномаи суғурта ва Қоидаи суғуртаро гирифтааст, бо муқаррароти он шинос шудааст ва розӣ мебошад.

## 13. МАЪЛУМОТҲО ВА ИМЗОҲОИ ТАРАФҲО

### 13.1. СУҒУРТАКУНАНДА:

**ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»**
**Суроға:** шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Истаравшан 18, ошёнаи 2
**РМА:** 020030537
**РМБ:** 350101808
**с/ҳ:** 20202972780800000009
**Бонк**: ҶСП «Спитамен Бонк»
**с/м:** 20402972418081
**Телефон/факс:** (+992) 44 601 79 97

**Директори генералӣ**

_______________ /_________.___./
**(имзо)** **(ному насаб)**

### 13.2. СУҒУРТАШАВАНДА:

_____________________________________
**Суроға:** ___________________________
**РМА:** _____________________________
**РМБ:** _____________________________
**с/ҳ:** ______________________________
**Бонк:** ___________________________
**с/м:** _____________________________
**Телефон: (+992)**
**Сомона:** __________________________
**Email:** ___________________________

______________/___________________./
**(имзо)** **(ному насаб)**

**АЛОҚА БО МО:**

+992 44 601 7997 / 7979 / +992 918 20 7997

info@spitameninsurance.com www.spi.tj

Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Истаравшан 18, ошёнаи 2

QR-кодро сканер намуда дар месенҷерҳо ва сомонаҳои иҷтимоӣ ба мо нависед

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Замимаи №3
ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии
аз ҳолатҳои нохуш ва беморӣ

**НАМУНА**

*Эзоҳ: Ҳуҷҷати мазкур ҳамчун намуна ба ҳисоб меравад. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад дар шакл ва матни намуна тағйирот ва иловаҳо, ки ба Қоидаи суғурта ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад, ворид намояд.*

ПОЛИСИ СУҒУРТАВӢ

**СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ АЗ ҲОЛАТҲОИ НОХУШ ВА БЕМОРӢ**

Силсила: ___________ Рақам: ___________

Суғуртакунанда: ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»

Иҷозатномаи ______________ аз ҷониби БМТ дода шудааст

Суғурташаванда: ______________________________________________________________

Суроға: ______________________________________________________________

Муҳлати амал: аз «_____» ________________ с.20 ______ то «_____» _____________ с.20_

Объекти суғурта: ______________________________________________________________

Маблағи суғуртавӣ: ______________________________________________________________

Тарифи суғуртавӣ: ______________________________________________________________

Мукофоти суғуртавӣ: ______________________________________________________________

Ҳудуди амали полиси суғуртавӣ: ______________________________________________

Санаи барасмиятдарории полиси суғуртавӣ: ______________________________________

**СУҒУРТАШАВАНДА: бо Қоидаи суғуртаи ихтиёрии аз ҳолатҳои нохуш ва беморӣ шинос шудам ва розӣ мебошам.**

| ИМЗО | НОМИ ҲУҚУҚИИ (НОМУ НАСАБИ) СУҒУРТАШАВАНДА |
| --- | --- |

**СУҒУРТАКУНАНДА (НАМОЯНДАИ СУҒУРТАКУНАНДА)**

| ВАЗИФА | ИМЗО | НОМ ВА НАСАБ |
| --- | --- | --- |


**АЛОҚА БО МО:**

+992 44 601 7997 / 7979 / +992 918 20 7997

**Телефони боварии БМТ:** (+992) 44 600 15 20

info@spitameninsurance.com www.spi.tj

Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Истаравшан 18, ошёнаи 2

QR-кодро сканер намуда дар месенҷерҳо ва сомонаҳои иҷтимоӣ ба мо нависед.


БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN